НАБИЕВ: ҚАБЛАН БАРОИ САР МЕХОНДАНД, ҲОЛО БАРОИ ПОЙ с. 8

3,8 МЛН ДОЛЛАР СОДИРОТИ БАРҚ ДАР ЯК МОҲ с. 5

АСРОРИ МАРГИ САРБОЗ с. 4

# ТОҶИКИСТОН

№47 (1610), 20.11.24 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

## Аз ифтитоҳи корхонаҳо то дастур ба масъулин






ДАР ИН ШУМОРА:

**НБО "РОҒУН"**
Кай ба Қазоқистон барқ медиҳад? с.3

**МУҲОҶИРАТ**
Шартҳои кор дар Корея с.5

**ГЕНЕРАЛ ШАМХОНӢ**
ИМА бояд 1 триллион ба Эрон диҳад с.4

**ВАО-И ИДМ**
Зеҳни сунъӣ хатар ё кумакрасон? с.7

**«ҶОН»-И НАВ**
Ё корномаи Файзуллоеви 85-сола с.10

**14 СОЛ**
Ҳунарманди тоҷик дар Русия ҳабс шуд с.11

**ВАРЗИШ**
Ҳафтаи пирӯзиҳои Тоҷикистон с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Фоидаи ҳавои сард ба саломатӣ с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Талбак НАЗАРОВ,** раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

**Фарҳод РАҲИМӢ,** академик

**Шералӣ КАБИР,** вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

**Масъуди МИРШОҲӢ,** раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

**Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,** сиёсатмадор

**Адаш ИСТАД,** нависанда (Узбекистон)

**Ҳафиз РАҲМОН,** адабиётшинос

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Умед СУЛТОНОВ,** саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалluқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброи аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88,**
**238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

## Аз ифтитоҳи корхонаҳо то дастур ба масъулин

**17-уми ноябр Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо шароити зиндагии мардум ва такон бахшидан ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вилояти Суғд сафар кард.**







### ИСТАРАВШАН

Боздиди кории Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз шаҳри Истаравшан оғоз ёфт. Нахуст бо иштироки Президенти кишвар бинои таълимӣ ва хобгоҳи Мактаб - интернат барои кӯдакони ятиму бепарастори шаҳри Истаравшан ифтитоҳ ёфт. Иншоот аз ҷониби гурӯҳи соҳибкорон бунёд ёфта, дастрасии ятимонро ба таҳсили босифат таъмин месозад.

Ҳамчунин, дар ҳаминҷо Президенти кишвар 4 иншооти соҳаи маорифро, ки дар шаҳру ноҳияҳои Истравшан, Панҷакент ва Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд сохта шудаанд, тариқи фосилавӣ ифтитоҳ намуд.

Инчунин, дар шаҳри Истаравшан бо иштироки Сарвари давлат марҳилаи дуюми коргоҳи истеҳсоли дучарха ва бозичаҳои гуногуни Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Адл» ба истифода супорида шуд. Дар корхона 5 намуд дучарха барои калонсолон ва кӯдакон истеҳсол карда мешавад. Корхонаи «Сино медикал» бошад, аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Икром Набиев таъсис ёфтааст. Самти фаъолияти корхона истеҳсоли молҳои тиббӣ, аз ҷумла сӯзандору ва система барои дору қатрагӣ буда, маҳсулот бо шаклу ҳаҷми гуногун баровард мешаванд. Барои банду басти маҳсулоти ниҳоӣ коргоҳи истеҳсоли халтаҳои полиэтиленӣ низ фаъолият менамояд.

Корхонаи антифризи ҶДММ "Кӯли Сарез" дар шаҳри Истаравшан бошад, аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Дилшод Холмаҳмадов бунёд ёфтааст. Корхона дорои анбори нигоҳдории ашёи хом, маҳсулоти тайёр, ошхона ва иншооти ёрирасон мебошад. Иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 310 тонна антифриз буда, маҳсулоти воридотивазкунанда ба шумор меравад.



### ХУҶАНД

Дар идомаи сафари корӣ ба вилояти Суғд бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» корхонаи «Сайри Суғд» мавриди истифода қарор гирифт.

Корхонаи «Сайри Суғд» аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Мирзоҷон Умаров бо маблағи 23 миллион сомонӣ сохта шудааст. Дар ин корхона бозичаҳои кӯдакона ва мотороллерҳои барқӣ истеҳсол карда мешаванд. Ҳаҷми истеҳсолот дар як моҳ 250 мотороллери барқӣ ва 20000 бозичаҳои кӯдаконаро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, дар шаҳри Хуҷанд Маркази нейро-кардию эндоҷарроҳии «Луқмони Ҳаким» мавриди истифода қарор дода шуд.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

## САРИ САБЗ



**Маъруфи АБДУЛЛОҲ,**
**собиқ репсаро ва ҳоло блогер**

**- Баъди хотима додан ба корномаи рэперӣ албатта, танқисӣ кашидам. Аммо шукр, ҳоло ҳамааш хуб аст ва аз ҳеҷ чиз танқисӣ намекашам. Ман ба осонӣ ба рэп омадам ва боз ба осонӣ аз рэп рафтам. То имрӯз бо нияти рэп навиштан дафтару қалам дигар ба даст нагирифтам.**

*- Пас, маълум мешавад, ки блогерӣ ҳам фоидаи хуб меоварда аст. Аммо агар ба блогерӣ ҳам осон омада бошед, мабодо корномаи рэперӣ таъсирашро расонад...*



**Абдураҳим ТОҲИРОВ,**
**парваришгари меваҳои ситрусӣ**

**- Каламондин метавонад лимӯро иваз намояд, дар сурате, ки лимӯ набошад. Аксаран бо дидани ниҳол ё меваи каламондин, афлесун гӯён хурсандӣ мекунанд, аммо бо ба даҳон партофтани як пораи он, аз туршии вай шикоят мебаранд.**

*- Ҳаҳаҳаҳ, каламондин, о ҳамин худи номаш як каме маззаи туршӣ дорад ку! Беҳтараш аз ҳамон лимӯямон намонем, турш ҳам бошад, номи зебо дорад.*



**Бобоҷон САТТОРОВ,**
**лӯхтаксози Театри лӯхтак**

**- Вақте ки донишкадаро хатм кардам, ба театр ҳамчун ҳунарманд омадам, дар аввал дар намоишномаҳо нақш меофаридам. Баъдтар дидам, ки маҳорати хуби ҳунармандӣ надорам, хостам худро дар лӯхтаксозӣ имтиҳон намоям.**

*- Не, хато кардаед дар баҳогузории худ! Шумо маҳорати беҳтарини ҳунармандӣ доред. На ҳар кас метавонад ба ин ҳунари нодир - лӯхтаксозӣ машғул шавад.*

# «РОҒУН» БА ҚАЗОҚИСТОН БАРҚ МЕДИҲАД

**Ҳукумати Тоҷикистон ҷузъиёти шартномаи фурӯши барқи неругоҳи "Роғун"-ро ба Қазоқистон нашр кардааст. Дар лоиҳаи ин санад, ки дар пойгоҳи иттилоотӣ-ҳуқуқии Вазорати адлияи Тоҷикистон нашр шудааст, гуфта мешавад, ки барқи "Роғун" кай ва дар кадом ҳолат ба ин кишвар содир карда мешавад.**



Дар қарори Ҳукумати Тоҷикистон сохторҳои марбута муваззаф шудаанд, ки лоиҳаи созишнома бо Ҳукумати Қазоқистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи электроэнергетикаро маъқул донista, он ба имзо расонида шавад.

Дар санад гуфта мешавад, ки интиқоли барқи нақшавӣ аз неругоҳи "Роғун" бо назардошти имконоти техникии кишварҳои ҳамсоя барои транзит тариқи хатҳои байнидавлатии интиқоли барқ амалӣ карда мешавад.

"Маркази ҳисоббаробаркунию молиявӣ оид ба дастгирии манбаъҳои барқароршавандаи энергия", ки ташкилоти зертобеи Вазорати энергетикаи Қазоқистон мебошад, мутобиқи созишнома бо ҶСК "НБО Роғун" дар бораи интиқоли барқ шартнома ба имзо мерасонад.

Мӯҳлати амали шартнома 20 сол, аз рӯзи эътибор пайдо намудани шартнома буда, имкони тамдид намудан он барои 10 соли дигар мавҷуд аст.

Интиқоли барқи нақшавӣ аз неругоҳи "Роғун" танҳо дар соатҳои камбуди он дар минтақаи Шимолу Ҷануби Системаи ягонаи электроэнергетикии Қазоқистон сурат мегирад. Ҳаҷми тахминии интиқоли нақшавии барқ, ки дар шартнома зикр мешавад, барои ба миён омадани уҳдадориҳои молиявӣ ё дигар уҳдадориҳои байни фурӯшанда ва харидор асос шуда наметавонад.

Транзити энергияи барқӣ аз ҶСК "НБО Роғун" то сарҳади Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷониби ҶСК "НБО Роғун" таъмин карда мешавад.

Арзиши барқи нақшавӣ аз ҶСК "НБО Роғун" ба андозаи 0,034 доллар (3,4 сент) барои 1 кВт/соат (бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда, ки бо меъёри сифр "0%" пардохт мешавад) нисбат ба маблағи ҳаҷмҳои мутобиқи ҷадвалҳои ҳаррӯзаи тасдиқшудаи интиқоли энергияи барқ муайян карда мешавад.

Арзиши транзит дар асоси хароҷоти Фурӯшанда ҳангоми транзити энергияи барқӣ дар мамлакатҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ то сарҳади Қазоқистон (бо шарти тасдиқи хароҷоти сарфшуда аз ҷониби Фурӯшанда) муайян карда мешавад.

Индексатсияи арзиши энергияи барқӣ аз ҶСК "НБО Роғун" дар асоси индекси нархҳои истеҳсолкунандагони ИМА, ки аз ҷониби Вазорати меҳнати ИМА, Дафтари омори ИМА нашр мешавад, соле як маротиба оғоз аз соли дуюми таҳвили энергияи барқи нақшавӣ амалӣ карда мешавад.

Вале дақиқ нест, ки интиқоли барқ аз неругоҳи "Роғун" барои Қазоқистон кай оғоз мешавад. Ёдовар мешавем, ки то имрӯз ду чархаи ин неругоҳ ба кор даромадааст ва интизор меравад, ки чархаи сеюм соли 2025 фаъол мешавад. Бо вуҷуди он ки Тоҷикистон яке аз кишварҳои содиркунандаи барқ дар минтақа мебошад, дар дохили кишвар лимит ҷорист. Ба ҷуз аз сокинони ВМКБ, ки аз ширкати "Помирэнерҷӣ" барқ мегиранд, дар деҳоти кишвар дар ҳаҷми маҳдуд - 3 соат субҳ ва 5 соат шомгоҳон бо неруи барқ таъмин карда мешаванд.

**Д. ҚОДИРПУР**

## 3,8 МЛН ДОЛЛАР СОДИРОТИ БАРҚ ДАР ЯК МОҲ

**Дар моҳи октябри соли равон Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ба маблағи зиёда аз 3,8 млн доллар барқ содир намуд. Дар ин бора Агентии омори назди Президенти ҷумҳурӣ хабар медиҳад.**

Гуфта мешавад, дар зарфи 10 моҳи соли ҷорӣ ба сурати умум аз Тоҷикистон ба хориҷи кишвар ба маблағи зиёда аз 102,4 млн доллар неруи барқ интиқол ёфтааст, ки ин нишондиҳанда 3,2% ё худ 3,4 млн доллар камтар нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 мебошад. Ҳиссаи интиқоли барқ ба хориҷи кишвар дар ҳаҷми умумии содироти ҷумҳурӣ давоми моҳҳои январ-октябр 6,6%-ро ташкил дод.

Тибқи маълумоти ҶСК "Барқи тоҷик", дар мавсими тирамоҳу зимистон неруи барқ дар ҳаҷмҳои начандон зиёд танҳо ба Афғонистон интиқол дода мешавад. Қарордоди интиқол ба Ӯзбекистон танҳо дар мавсими тобистон амал мекунад.

# ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

**(Аввалаш дар саҳ. 2)**

Ба Сарвари давлат иттилоъ дода шуд, ки дар марказ ҷарроҳиҳои майнаи сар, мағзи сутунмуҳра, дил ва гурда бо роҳи эндо-ҷарроҳӣ ва ҳамчунин ҷарроҳии кушодаи амрози занона, эндо-протезкунонии бемориҳои ортопедӣ, табобати амрози асаб ва барқароркунӣ ба роҳ монда шудааст.

### БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар деҳоти Исфисори ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Муассисаи давлатии мактаби махсуси варзишӣ оид ба футболро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод.

Муассисаи мазкур аз варзишгоҳи бузург бо 7000 ҷойи нишаст, майдончаи варзишӣ, ҳуҷраҳои корӣ, либосивазкунӣ ва маҷлисгоҳ барои 40 нафар иборат мебошад.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба фаъолияти корхонаи истеҳсоли пойафзоли Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Фароғатбону" низ бо иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон оғоз бахшида шуд.

Корхонаи мазкур аз тарафи соҳибкори ватанӣ Парвиз Ҷӯраев сохта шуда, 20 намуди пойафзоли мардона истеҳсол менамояд. Коргоҳи пойафзолбарорӣ дар як сол вобаста ба талабот аз 30 ҳазор то 50 ҳазор ҷуфт пойафзол истеҳсол менамояд. Корхонаи истеҳсоли пардаҳои полиэтилении Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Технологияи полимерӣ" бошад, бо ибтикори соҳибкори маҳаллӣ Саидхоҷа Зикриёхуҷаев бунёд шудааст. Барои муҷаҳҳазсозии он зиёда аз 20 миллион сомонӣ сарф шудааст. Иқтидори корхона истеҳсоли бештар аз 2 ҳазор тонна парда ва дигар маводи полиэтиленӣ дар як сол мебошад.

### БӮСТОН

Дар идомаи сафар ба вилояти Суғд Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бӯстон Маркази ташхису табобатии "Луқмони Ҳаким"-ро мавриди истифода қарор дод. Дар марказ шуъбаҳои амрози асаб, дилшиносӣ, ғадудшиносӣ ва урологӣ мавҷуд аст.

Маркази ташхису табобатии "Луқмони Ҳаким" дорои ҳуҷраҳои дандонпизишкӣ, ултрасадоӣ, сабти барқии майнаи сар, инчунин ҳуҷраҳои табобати зарбаи мавҷӣ, томографияи компютерӣ, даруннигорӣ, толори обутоби бадан ва дорухонаи низ мебошад.

Дар назди Корхонаи фаръии зардӯзию заргарӣ ва касбомӯзии "Зари Суғд"-и шаҳри Бӯстон корхонаи истеҳсоли пойафзол ба истифода дода шуд. Ҳоло дар ин корхона 50 намуди пойафзол истеҳсол карда мешавад. Иқтидори солонаи корхона истеҳсоли то 60 ҳазор ҷуфт пойафзоли мардонаю бачагонаро бо андозаҳои гуногун ташкил медиҳад.

### ДАСТУРИ ПРЕЗИДЕНТ

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо фаъолони вилояти Суғд бошад, сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои Истаравшан, Бӯстон, Бобоҷон Ғафуров ва омодагии сокинони вилоятро барои истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ натиҷагирӣ кард.

Таъкид гардид, ки ба истиқболи ин ҷашни таърихӣ дар вилояти Суғд бунёду азнавсозии 12 ҳазор иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ ба нақша гирифта шудааст ва аз ин шумора то имрӯз беш аз 8 ҳазору 200 ададаш сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки танҳо дар 10 моҳи соли ҷорӣ дар вилоят 52 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва синфхонаҳои иловагӣ барои 16 ҳазор хонанда, 57 иншооти соҳаи тандурустӣ ва беш аз 2 ҳазору 300 километр роҳҳо бунёду таъмир гардид. Дар ин давра дар вилоят зиёда аз 55 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуд.

Масъулини вилоят вазифадор гардиданд, ки ислоҳи камбудиву норасоиҳои мавҷудаи сохтмонро таъмин намуда, ба бунёду таҷдиди иншооти нақшавӣ бо санъати баланди меъморӣ суръат бахшанд ва сифати корҳои сохтмониро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.



**Ҳамдуллоҳ Фитрат, муовини сухангӯйи "Толибон" бе овардани чузъиёт гуфт, ин гурӯҳ дар пайи он аст, ки бо Тоҷикистон равобити хуб барқарор кунад.**

Гуфта мешавад, ки намояндагони ин гурӯҳ бо ҷониби Тоҷикистон дидор доштаанд. Фитрат мушаххас нагуфтааст, ки бо кӣ вохӯрданд. Пештар Мавлавӣ Абдулкабир, муовини сиёсии нахуствазири ҳукумати "Толибон" низ эълом карда буд, ки равобити Кобул ва Душанбе рӯ ба беҳбуд аст. Ҷониби Тоҷикистон то ҳол дар ин мавзӯъ иттилоъ надодаанд.



**Интихоботи парлумонӣ дар Гурҷистон рӯзи 26-уми октябр ба анҷом расид. Дар асоси натиҷаҳо, ҳизби ҳокими "Орзуи гурҷиҳо" бо касби 54 дар сади раъйи мардум 89 курсии парлумонро ба даст овард.**

Ҳангоми эълони натиҷаҳо байни Георгий Каландаришвилӣ, раиси Комиссияи марказии интихобот ва Давид Киртазде, аз Ҳизби мухолифи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ҷанҷол бархост ва сиёсатмадори мухолиф бар рӯи раиси комиссия ранги сиёҳ пошид. Ҷомеаи байналмилалӣ ҳам аз Гурҷистон хостааст, ки иддаоҳо дар бораи тақаллуб дар интихоботро одилона таҳқиқ кунад.



**Владимир Колоколтсев, вазири корҳои дохилии Русия гуфт, ки қонуншиканиии муҳоҷирони тоҷик дар ин кишвар камтар шудааст.**

Ҳамзамон, ба қавли ӯ, ҷиноят бар зидди шаҳрвандони Тоҷикистон дар Русия коҳиш ёфтааст. Колоколтсев дар ин бора рӯзи 18-уми ноябр дар ҷаласаи якҷояи вазоратҳои умури дохилии Тоҷикистону Русия дар Маскав сухан кард. Ҳайати Тоҷикистонро дар ин нишаст вазири корҳои дохилӣ Рамазон Раҳимзода раҳбарӣ мекард.

# ШОЛТЗ ВА ПУТИН ЧӢ ГУФТАНД?

**Олаф Шолтз, садри аъзами Олмон рӯзи 15-уми ноябр бо Владимир Путин, раисҷумҳури Русия телефонӣ суҳбат карда, аз ӯ хостааст, ки ба ҷанг дар Украина поён диҳад ва дар бораи "сулҳи одилона ва пойдор" бо ҳукумати Киев музокира кунад.**



Дар ин бора дафтари матбуоти садри аъзами Олмон хабар додааст. Аввалин сухбати мустақими раҳбарони Олмон ва Русия мояи нигаронии Владимир Зеленский, раисҷумҳури Украина шуд, ки гуфт, Олаф Шолтз "роҳи хатарноке"-ро боз кардааст, ки "инзивои Русияро сабук мекунад ва ба музокироти маъмулие мерасонад, ки ба ҳеҷ чизе поён намедиҳад".

Олаф Шолтз "ба азми қавии Олмон барои кумаки доимӣ ба Украина дар муқобила ба таҷовузи Русия" таъкид кардааст. Дафтари матбуоти ҳукумати Русия гуфт, ки ду тараф "табодули ошкоро ва ҷузъии назар дар бораи авзои Украина" доштанд.

Дар баёнияи Маскав омадааст, ки ҳаргуна созише дар ин замина бояд манофеи амниятии Русия, "воқеиятҳои қаламравҳои нав ва муҳимтар аз ҳама, аз байн бурдани решаҳои мунокишаро дар назар дошта бошад".

## Шамхонӣ:
# ИМА БОЯД 1 ТРИЛЛИОН ДОЛЛАР БА ЭРОН ПАРДОХТ КУНАД!

**Иёлоти Муттаҳида бояд ба Эрон тақрибан як триллион доллар барои таҳримҳое, ки дар тӯли 25 сол ба рушди Ҷумҳурии исломӣ монеа эҷод кард, пардохт кунад. Дар ин бора муовини сардори Сипоҳи посдорони инқилоби исломии Эрон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Суҳроб-Алӣ Шамхонӣ изҳор дошт.**



"Иёлоти Муттаҳида бояд ба Эрон як триллион доллар ҷуброн пардохт кунад, ки барои 25 сол аз рушди Ҷумҳурии Исломӣ бар асари таҳримҳо монеъ шуд",- навиштааст хабаргузории эронии ИСНА аз қавли Шамхонӣ.

Шамхонӣ зикр кард, ки ИМА ба таҳримҳои зидди Эрон пас аз инқилоби исломӣ ва тасарруфи сафорати Амрико дар Теҳрон - "лонаи ҷосусхо" шурӯъ кард, на пас аз хуруҷи Вашингтон аз созиши ҳастай.

Ёдовар мешавем, ки қаблан рӯзномаи Financial Times бо такя ба манобеаш аз нияти маъмурияти президенти мунтахаби ИМА Доналд Трамп барои фишор ба Эрон ба хотири маҷбур кардани созиши нави ҳастай хабар дода буд.

Аввалин таҳримҳои якҷонибаи ИМА алайҳи Эрон чанде пас аз инқилоби исломии соли 1979 ҷорӣ карда шуд, ки боиси сарнагунии режими шоҳ гардид.

Сабаби ҷорӣ кардани маҳдудиятҳо 4-уми ноябри соли 1979 аз ҷониби як гурӯҳи донишҷӯёни эронӣ тасарруфи сафорати Амрико ва кормандони он дар Теҳрон буд.

# УКРАИНА БА РУСИЯ ҲАМЛА МЕКУНАД?

**Расонаҳои амрикоӣ менависанд, ки президент Ҷо Байден маҳдудиятҳои истифода аз силоҳҳои амрикоиро барои Украина бекор кардааст. Агар ин хабар тасдиқ шавад, пас Украина дар ниҳоят имкон пайдо мекунад бо мушакҳои дурпарвоз ба дохили Русия зарба занад.**



Хабари бекор шудани маҳдудияти истифодаи силоҳро барои Украина рӯзи 17-уми ноябр нашрияҳои The New York Times, «Вашингтон Пост», хабаргузориҳои «Ассошиейтед Пресс» ва «Ройтерс» бо такя ба манобеи худ нашр карданд. Кохи Сафед ин хабарро шарҳ надодааст. Вале агар ин хабар тасдиқ шавад, тағйироти ҷиддие дар сиёсати Амрико хоҳад буд. Ҳукумати Украина чанд моҳ аст, ки аз муттаҳидони ғарбиаш, бахусус Амрико дархост дорад, иҷозат диҳанд бо силоҳҳои гирифтааш ба дохилтари хоки Русия ҳамла кунад. Аммо кишварҳои ғарбӣ барои бадтар нашудани вазъ, ин иҷозаро надода буданд.

Президенти Украина Владимир Зеленский ин хабарро расман тасдиқ накард, аммо гуфт, ки яке аз бахшҳои асосии «нақшаи пирӯзӣ»-и ӯ, ки ба муттаҳидонаш пешниҳод кард, ҳамла ба дохили Русия бо мушакҳои дурпарвоз мебошад.

Дар ҳамин ҳол хабаргузории "Ройтерс" бо такя ба манобеи худ хабар додааст, ки Киев қасд дорад нахустин ҳамларо бо мушакҳои дурпарвоз дар чанд рӯзи оянда анҷом диҳад. Аммо ин хабаргузорӣ ҷузъиёти бештар нашр накардааст.

"Ройтерс" бо такя ба се манбаи огоҳ аз ин масъала гуфтааст, ки Украина эҳтимол аз мушакҳои ATACMS истифода хоҳад кард, ки бо он мешавад ба мавқеи душман дар масофаи то 300 километр ҳамла кард.

# ШАРТҲОИ МУҲОҶИРАТ БА КОРЕЯ

**Кореяи Ҷанубӣ аз Тоҷикистон коргарони то 39-сола, солим, бе доғи судӣ ва босалоҳиятро хостааст, ки аз низоми холҳою давраҳои омӯзишӣ гузаронида мешаванд. Интизор меравад, ки фиристодани муҳоҷирони тоҷик ба Корея аз соли 2025 оғоз гардад.**



### ИНТИХОБИ КОРГАР

Ёддошти тафоҳум барои фиристодани коргарон аз Тоҷикистон ба Корея 30-юми октябри имсол дар Душанбе имзо шуд.

Бар асоси Ёддошти тафоҳум, аз Тоҷикистон ба Кореяи Ҷанубӣ танҳо аз сӯи "Агентии боркортаъминкунӣ дар хориҷа", як ниҳоди зертобеи Вазорати кор анҷом мешавад. Дигар ягон корхона дар доираи ин санад ҳақи фиристодани коргаронро надорад.

Ниҳоди зертобеи Вазорати меҳнат коргаронеро, ки ба талаботи ҷониби Корея ҷавобгӯ хастанд, интихоб мекунад ва "ба таври фаврӣ омӯзиши пеш аз сафар мегузаронад". Аз ҷумла, коргарон дар марказҳои муайян забони кореягиро меомӯзанд, чун як шарти асосӣ ҳамин аст.

Рӯйхати коргаронро Вазорати меҳнат тартиб дода, ба Кореяи Ҷанубӣ мефиристад ва онҷо ҳар корфармо корманди зарурии худро интихоб карда, шартнома равон мекунад.

Коргарон пеш аз фиристода шудан ба Корея дар Тоҷикистон аз санҷиши пизишкӣ мегузаранд. Дар санад омадааст, ки баъди расидан ба Корея ва қабл аз оғози кор, коргарон дар он ҷо низ боз аз муоина мегузаранд. Хароҷоти сафарро худи коргарон пардохт мекунанд, вале миқдори маблағи он ҳанӯз маълум нест.

### АЗ 18 ТО 39-СОЛА

Бар асоси санаде, ки миёни ҷонибҳо имзо шудааст, танҳо шахсони аз 18 то 39-сола ба Корея фиристода хоҳанд шуд. Онҳое, ки дар Тоҷикистон барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин маҳкум шудаанд, аз Кореяи Ҷанубӣ ронда шудаанд ё баромаданашон аз Тоҷикистон маҳдуд шудааст, фиристода намешаванд.

Онҳое, ки қабул мешаванд, ҳақ доранд то 3 сол дар Корея кор кунанд ва дар ҳолати зарурӣ ин мӯҳлатро то 1 солу 10 моҳи дигар тамдид кунанд. Нуктаи муҳим ин аст, ки коргар аз Тоҷикистон бояд баъд аз поёни шартномаи корияш ихтиёрӣ Кореяро тарк кунад.

Дар санад омадааст, коргароне, ки "ба кори худ содиқ буданд", пас аз як моҳи тарки Корея метавонанд баргарданд ва ин бор шартҳои аввала пурсида намешаванд. Дар ҳолати баръакс, агар коргар "ба фаъолияти ғайриқонунӣ машғул шавад ё ҳуҷҷатҳои қалбакӣ пешниҳод кунад", аз Корея ихроҷ мешавад.

### ПЕШГИРИИ ФАСОД

Тоҷикистон ва Корея тавофуқ кардаанд, ки барои пешгирӣ аз мавридҳои фасодкорӣ дар интихоби коргарон метавонанд як маркази шикоятӣ таъсис диҳанд. "Дар сурати ошкор шудани фасод ё қонуншиканӣ дар раванди фиристодан" ва "будубоши ғайриқонунӣ", Корея метавонад шумораи коргаронро аз Тоҷикистон кам ё қабули онҳоро пурра манъ кунад.

## РЕЗААХБОР

Дар Душанбе 40 км роҳҳо бо 7 эстакада сохта мешаванд. Дар ин бора Вазорати нақлиёти Тоҷикистон иттилоъ дода, афзуд, ки анҷоми ин корҳо дар се соли оянда дар назар аст. Дар 7 соли охир дар Душанбе аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 82 км роҳҳо азнавсозӣ ва 2 эстакада сохта шуданд.

***

18-уми ноябр дар доираи «Барномаи давлатии рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» дар шаҳри Душанбе Шӯрои якуми соҳибкорзанон баргузор гардид. Зикр гардид, ки ҳадафи асосии шӯро мусоидат ба рушди соҳибкории занону ҷавондухтарон аст.

***

Аз 18 то 22-юми ноябр дар Душанбе ҳафтаи таҳсилоти байналмилалӣ бо ташаббуси Сафорати Амрико дар Тоҷикистон баргузор мегардад, ки ҳадафи он омӯзиши забонҳо, эҳтирому ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстӣ байни мамлакатҳо аст.

***

Аз 24 то 27-уми ноябр Рӯзҳои фарҳанги Беларус дар Тоҷикистон баргузор мегарданд. Рӯзҳои фарҳанги Беларус дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҳким бахшидан ба робитаҳои фарҳангии ду давлат доир мешаванд.




# ШӮРОИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ АВРУОСИЁ ДАР ТОҶИКИСТОН

**12-уми ноябри соли ҷорӣ дар маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон "Маҷмааи Хуталон" ҷаласаи 51-уми Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) Авруосиё баргузор гардид. Дар кори ҷаласа роҳбарон ва намояндагони бонкҳои марказии ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Русия, Бонки байнидавлатӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиданд.**

Дар рафти ҷаласа иштирокдорон оид ба масоили вазъи тавозуни пардохт ва динамикаи захираҳои байналмилалӣ, натиҷаҳои пурсиш оид ба суботи молиявӣ дар бахши бонкӣ, таҳлили муқоисавии фаъолияти танзимгарон дар самти ESG, татбиқи самтҳои асосии стратегияҳои миллии дастрасии молиявӣ дар кишварҳои аъзо, таҳлили муқоисавии меъёрҳои асосии ташкилотҳои карзӣ, фаъолияти гурӯҳи корӣ оид ба ҳамоҳангсозии рушди низомҳои пардохти миллӣ, барномаи таълими касбии кормандони бонкҳои марказӣ, ҳисоботи кори шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории бонкҳои марказӣ (миллӣ), фаъолияти Шӯрои машваратии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, барномаи фаъолияти Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) Авруосиё дар солҳои 2025-2026 ва баргузории ҷаласаи 52-юми Шӯрои бонкҳои марказии (миллии) Авруосиё мубодилаи афкор намуданд.

# ҲАНГОМИ МУОМИЛА БО ПУЛИ НАҚД ЭҲТИЁТКОР БОШЕД!

**Таъмини устувории низоми бонкии давлат ва тақвияти эътимоди мардум ба пули миллӣ яке аз вазифаҳои бонкҳои марказӣ маҳсуб меёбад. Аммо бо вуҷуди талошу кӯшишҳои пайваста, ки баҳри таъмини суботи молиявӣ анҷом дода мешаванд, яке аз масъалаҳои доғи низоми молиявӣ бароиш ва гардиши пулҳои қалбакӣ дар муомилот мебошад.**



Имрӯзҳо баъзе ашхос ё гурӯҳ кӯшиш мекунанд, ки бо истифода аз техникаи нусхабардории ранга бо ҳар роҳу восита пулҳои қалбакиро ба муомилот баровардa, мардуми ноогаҳро фиреб диҳанд. Аз ҷумла, вақтҳои охир дар шабакаҳои интернет наворҳои гуногун оид ба дар муомилоти пулӣ истифода шудани коғазҳои дорои навиштаҷоти "Чиптаи Бонкии Шӯхӣ" ва монанд ба банкнотаҳои миллии 20, 50, 100, 200 ва 500 сомонӣ дар ҳудуди кишвар ба назар расида, мавриди таваҷҷуҳ ва вокуниши корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ қарор гирифтаанд.

Ба маълумоти шаҳрвандон мерасонем, ки ин гуна чиптаҳо аз рӯи хусусиятҳои визуалӣ, аз қабили андоза, ранг ва тасвирҳо ба пули миллӣ шабоҳат дошта бошанд ҳам, ба ҳеҷ ваҷҳ дорои унсурҳои ҳимоявии маъмулӣ, ба монанди нишонаи обӣ, риштаи ҳимоявӣ, резанавишт, кинеграмма, унсури чопии зидди нусхабардорӣ, тасвирҳои бо ҳам пайвандшаванда, нишона барои нобиноён ва дигар технологияҳои ҳимоявӣ нестанд. Барои пешгирии ҳолати мазкур муҳим аст, то шаҳрвандон бидонанд, ки зимни додугирифт бо пули нақд бояд ба нишонаҳои ҳимоявии пули миллӣ - сомонӣ диққат дода шавад.

Бонки миллии Тоҷикистон пайваста кӯшиш мекунад, ки сатҳу сифати пули миллии кишварро аз ҳама гуна хатарҳои қалбакӣ муҳофизат намояд. Ба ин мақсад, пулҳои коғазӣ бо истифода аз равандҳои муосир ва моводи химиявии полимерӣ омода карда мешаванд. Ба ин пулҳо унсурҳои махсуси лазерӣ, рангҳои тағйирёбанда ва ҳифзкунанда дохил мешаванд, ки шинохти онҳо хеле осон аст.

Хотиррасон мекунем, ки тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пулҳои қалбакии Бонки миллии Тоҷикистон ё асъори хориҷӣ тибқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноят дониста мешавад.

Мубориза бо пулҳои қалбакӣ ва пешгирӣ аз истифодаи онҳо на танҳо вазифаи Бонки миллии Тоҷикистон, балки масъулияти ҳамаи шаҳрвандон низ мебошад. Бинобар ин, аз шаҳрвандон даъват карда мешавад, ки ҳангоми муомилот бо пули нақд ҳамеша эҳтиёткор бошанд ва ба нишонаҳои муҳофизатии пулҳо диққати ҷиддӣ диҳанд. Дар сурати ошкор ё мушоҳида шудани пулҳои аслашон шубҳанок ба наздиктарин сохтори ВКД, КДАМ ё кормандони мақомоти мазкур бояд хабар дода шавад.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# БА ДОНИШ ГАРОЮ БАД-Ӯ ШАВ БАЛАНД

## МУҚАДДИМА

**«Фаромӯш накунед, ки танҳо илму дониш ва сатҳи баланди маърифат ба шумо қобилияти расидан ба қадри истиқлолу озодӣ, давлату давлатдорӣ, падару модар, забон, таърих, фарҳанг, расму оинҳо ва дигар арзишҳои бебаҳои миллиро фароҳам месозад»** (аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, шаҳри Душанбе, 1-уми сентябри соли 2024).

Дар ин **иқтибоси кӯтоҳ мантиқ ва таъйиноти илм тафсири барҷастаи энсиклопедию функсионалӣ дидаанд.** Ҳамзамон бо ин, истифодаи мафҳуми таъкидии фардикунонии «танҳо», шарҳи духӯраи масъалаҳои барои давлат ва ҷомеа ҳаётан муҳимро дар баробари дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ истисно кардааст. Роҳ ва усули ғайримуқаррарии дарки онҳоро маҳдуд намудааст. **Илмро бар мартабаи воло - субъекти ҳалкунанда ва довари воқеияти ҳастии ҷомеа нишондааст.** Дар ин манзалат, дониш ба сифати маҷмуи тасаввуроти инсон дар бораи муҳити атроф, мундариҷаи тафаккур ва маънавиёти ҷомеа муқаррар гардидааст. Ҳамчун ҷузъи асосии муайянкунандаи хосият, муносибатҳо ва қонунмандиҳои пайдоиш, рушд ва тараққиёти зуҳуроти ҳастӣ қаламдод шудааст. Яъне истилоҳи мазкур, сирф ба маънои илм шарҳу тафсир ёфтааст.

Аз лиҳози дигар, дар тамоми давру замон тавоноӣ, арзишмандӣ ва шоистасолории фард дар алоҳидагӣ ва миллат дар маҷмуъ, ба дараҷаи дониш ва маърифати ӯ баробар descriptions дониста шудааст. Ҳамин тариқ, мавзуи мақола дар бораи мавқеи муайянкунандагии илм дар шинохти раванд, тазод ва воқеияти ҷамъиятӣ мебошад.

## ИЛМ ВА ҲАҚИҚАТИ ВОҚЕӢ

Ҷараёни расидан ба илму маърифатро назарияи *«абадӣ ва беохири тафаккур ба дарки моҳияти масъала»* номидан мумкин аст. Маҳз он **муҳиммият, асосбокӣ, хосиятҳои бунёдӣ, муайянкунандагӣ ва қонунмандии** ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро доварӣ мекунад. Яъне бидуни илм, донистани ҳақиқати воқеӣ дар кулли соҳаҳои ҳаёти инсонӣ - сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, маънавиёт ва ғайра имкон надорад. Ибни Рушд бо итминони қавӣ ва хеле асоснок таъкид кардааст: *«Чун дониш нест, пас дар олам чизе дониста намешавад. Агар чизе дониста пиндошта шавад ҳам, дар асл гумон аст»*.

Ҳақиқати илмӣ зуҳуроти мустақил аст. Аз хоҳиш, ирода ва муносибати шахс вобастагӣ надорад. Дониш аст, ки тавассути азхуд кардани қонунмандиҳо, омил, сабабҳои вуҷуд, рушду тараққии зуҳуроти табиат, ҷамъият ва тафаккур, инсон имконоти дастрасӣ ба воқеиятро пайдо мекунад. Барои беҳбуди зиндагӣ аз онҳо истифода менамояд. Илм инсонро аз тасаввуроти хаёлӣ нисбат ба муҳити атроф бозмедорад. Дар натиҷа, ашё - ҳамон тавре, ки мадди назар ҳаст, намо пайдо мекунад. Асрори он ошкор ва барои истифодаи иҷтимоӣ мувофиқ кунонида мешавад. Аниқтар агар гӯем, *«Омӯхтан, донистан, аз худ кардан ҷараёни ворид гаштани ақл ба умқи табиати ғайриорганикӣ ба хотири мутеъ гардонидани он ба субъект аст» (Ф. В. Гегел).* Ин хосияти илм танҳо марбути табиат нест. Балки бо зарфияти имконоти масъалаҳои ҷамъиятӣ, яъне «сирри ҷомеа» - «асрори одамӣ» низ, сахт «даргир» аст.

Бидуни илм донистани муҳтавои физиологӣ ва маънавии майнаи инсон, гузашта, имрӯза ваояндаи он ҳамчун ҷузъ ва маҳсули фаъолияти маводи офаридаи табиат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ғайриимкон аст: *«Илм чизи дигаре нест, ғайр аз дастрасӣ ба воқеият ва дарёфти ҳақиқат»* (Френсис Бекон). Вазифаи илм интихоби мавзуъ, масъалагузорӣ **аз зуҳурот то моҳияти масъала,** яъне рӯйи кор овардан ва ҳаллу фасл намудани зиддиятҳоест, ки байни **ду категорияи фалсафӣ** арзи ҳастӣ мекунанд. Маълум аст, ки воқеияти объективӣ, сарфи назар аз шакл, намуд, миқдор, сифат ва айният, навъи субъективии инъикос дар майнаи шахс аст. *Ба хотири он ки инсон баробарвазни ҳақиқат хулоса бардошта, дар фаҳми воқеии масъалаҳо орӣ аз раҳгумӣ, зарар ва хиҷолат бошад, мебояд ба илму маърифат такя кунад. Аммо аз бар намудани дониш кори саҳл нест. Зеро «Дар илм роҳи тахту ҳамвор вуҷуд надорад. Ва танҳо касе ба қуллаҳои дурахшандаи он баромада метавонад, ки аз хасташавӣ натарсида, масири пурпечу тоби сангини онро бо нохунҳояш часпида гузарад»* (К. Маркс).

Дар тамоми ҳолат, **ҳеҷ имкон надорад, ки инсон наомӯхта, дониш наандӯхта, хун аз ҷигар нарехта донишманд гардад.** Гарчанде кам нестанд одамоне, ки худро чунин вонамуд карданӣ мешаванд. **Аммо чунин кӯшиш монанд ба он аст, ки шахси бемор худро сиҳат нишон доданӣ мешавад. Дар воқеъ, худи инсон бояд саломат бошад.**

Суоле матраҳ аст, ки чаро дар рӯёрӯйи аз бар намудани дониш зиндагӣ сахтгир аст?

Посухи онро ҳикмати *«диалектикаи ҳаёт, диалектикаи идеяҳоро тавлид мекунад»,* дода метавонад. Инсон дар маркази ҳадафҳои мақсадгузорӣ ва натиҷаи онҳо - таъсиргузориҳост. Маълумот **(суҳбати рӯ ба рӯ, хабари одӣ, талқину ташвиқҳои васоити ахбори умум (интернет)** барои маълумот нест. Шакли амалӣ кардани мақсадҳо, раҳбарӣ ва раҳнамоиҳост. Асосгузори фалсафаи реалистӣ В. Ф. Гегел барои аз дараҷаи содагӣ ва зудбоварӣ баровардани яке аз дӯстонаш, ба ӯ бо чунин мазмун нома менависад: *«Амалкарди мақсад ба худи он нигаронида нашудааст. Баръакс, ба хотири нобуд кардани баъзе аз қисмҳо, ҷиҳатҳо, хосият ва аломатҳои фазои беруна равон гардидааст. Барои он ки ҷойи онҳоро нишонаҳои мавриди назари мақсадгузор бигирад. Ҳамин тариқ, нақшаҳои ӯ дар фазои беруна таҷассум ёбанд. Амалӣ гарданд»*.

Сухан дар бораи он меравад, ки муҳтавои мақсад аз чӣ иборат аст. Хосияти созандагӣ дорад ё хайр. **Мавзуи марказии дониш, дар баҳри беканори маълумот, расидан ба воқеияти объективӣ, аз ҷумла фарқ карда тавонистани некӣ аз бадӣ мебошад.** Ба ҳамин хотир, маҳсули илм хосияти ҳамагонӣ дорад. Дар шакл гирифтан, инкишоф ёфтан, рушди абадӣ ва беохири илм беҳтарин фарзандони инсоният ширкат меварзанд. Ҳастӣ, қудрат, тавоноӣ, муҳтавои зеҳнӣ ва маънавии худро ба намоиш мегузоранд. Дар сабқати шоистасолории, ба ном, назарияи шинохти моҳият, қонунмандӣ ва шакли донистанҳо мавқеи худро муайян месозанд.



Фарзонагони илму адаби тоҷик муддати беш аз ҳазор сол қимати донишу хирадро сутуда, онро дар арши аъло баровардаанд. Ба ҳамин хотир, ба шумули нобиғагони олам ворид гаштаанд. Барои тасниф ва тафсири масъала дар ҳаҷми як мақола, маҷол танг аст. Аммо зарур мешуморем, ба хотири боз ҳам **асоснок кардани сархати муқаддамотии ин навишта**, намунаҳоеро аз афкори донишгароӣ, ситоиши илм, маърифатпарварӣ, тарғиби ақлу хирад, афкору андешаи созандаи ниёкон, бо такя ба адабиёти классикӣ мавриди ёдоварӣ қарор бидиҳем.

## ҲАМОСАИ ИЛМУ МАЪРИФАТ

Абумансурӣ, пеш аз оғози «Шоҳнома»-и пурарзиши худ, ба хотири ҷалби таваҷҷуҳи ихлосмандонаш ба масъалаи дарки ҳастӣ, фармудааст: **«То ҷаҳон буд, мардум гирди дониш гаштаанд... Чӣ дар ин ҷаҳон мардум ба дониш бузургвортар ва моядортар».** Аз ҷумлаи нобиғагони адабиёти форсу тоҷик шахсияти нотакроре, ки бар мартабаи дониш, хирад ва илму маърифат таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст, устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад, ки дар ашъори манзалат ва маъруфияти мардумӣ касбкардааш хотирнишон мекунад:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*
*Одамони бихрад андар ҳар замон,*
*Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд.*
*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

Бузургтарин шоири ҳамосасарои тоҷику форс Абулқосими Фирдавсӣ, ки аз нобиғагони бани Одам эътироф гардидааст, дар баробари санъати фавқулодаи ҷангноманависӣ, асари ҷовидонае рӯйи саҳнаи башарӣ овардааст, ки ҷавҳари онро тарғиби илму маърифат ва тарбияи инсон дар бар мегирад. Ба қавли ин бузургмарди ориёӣ, инсон мебояд ҳамеша дар талоши илм, донишу маърифат бошад. Ягон лаҳзаи ҳаёти хешро аз он чашмаи зоянда ва давлати поянда фурӯгузор нанамояд:

*Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,*
*Аз омӯхтан як замон нағнавӣ.*

Бо ҳамовозӣ ба ин масъалагузории судмандона ва бузургворона, дар пайравии сухани мутаззакираи «Шоҳнома», баъд аз ҳафтсад сол зарурати омӯхтани донишро барои мардумони ҳама синну сол, касбу кор ва ҷоҳу ҷалол, шоир, мутафаккир ва файласуфи машҳури англис - Гёте дар поварақи байтиболоӣ бо таъбири зер таъкид кардааст: **«Don’t miss a second».** Пайғомбари донишу хирад ва нангу набард муътақид аст, ки асоси маънавиёти одамиро руҳи ӯ ташкил медиҳад. Ва дар ин истилоҳ мафҳумҳои «ҷаҳонбинӣ», «тафаккур», *«ақл»-у «хирад»*-ро мадди назар мегирад.

Фирдавсӣ ҳамрадифи Арасту руҳи қавиро қобилият, тавоноии худкифо ва басандаи зиндагии шоиста мешуморад, ба шарте ки он аз нури дониш ва ҷавҳари хирад баҳраварӣ дошта бошад:

*Ба дониш равонро тавонгар кунед,*
*Хирадро бад-ин бар сар афсар кунед.*

Муҳиммияти масъала дар замони пуртазод ва воқеоти ҳамарӯзаи пурпечу тоби минтақа ва ҷаҳон, муҳтавои фоҷиабарангези маънавиёти қисми ҷавонон, ки нисбат ба давлату миллат вазъи нохушоянд ва суолбарангез эҷод карданӣ мешаванд, боз ҳам рӯзмарра мегардад.

Ба қавли Фирдавсӣ, соҳиби ному нанг будан ва эҳсоси масъулият кардан аз дараҷаи маърифатнокӣ вобастагӣ дорад. Дониш ангезаи мувофиқ будани фаъолияти маънавии инсонро ба масъулият ва иҷрои қарзи ватандорӣ муайян мекунад, самти муборизаро роҳнамо мегардад. Ба андешаи ӯ, зиндагии инсон бояд мубориза ва пайкори ҳадафмандона барои манфиати ҷомеа бошад:

*Чу бунёди дониш биёмӯхт мард,*
*Сазовор гардад ба нангу набард.*

Дар таълимоти Фирдавсӣ дониш ҳамеша ба маънои илм истифода мешавад. Зеро он хосияти офариниш, созандагӣ, амалӣ ва худкифоии инсонро дар зиндагии ҳаррӯзааш инъикос менамояд. Воситаест, ки одам тавассути воридшавӣ ба моҳияти ашё, қобилияти аз он истифода карданро пайдо мекунад. Дониш самаранокии фаъолият ва ба рӯзи нек расидани инсонро таъмин месозад:

*Ба дониш бигравӣ, коми дил ёфтӣ,*
*Расидӣ ба ҷойе, ки биштофтӣ.*

Дар ин маврид, шоир дигар ҳама гуна кӯшишҳои «ба коми дил расидан осон»-ро тавассути даст сӯйи осмон ё кумак аз мавҷудоти тахайюлӣ, ки то ҳанӯз ашхоси содаву гумроҳ орзу мекунанд, ғайримаҷоз мешуморад, истисно менамояд, ба масъала нуқтагузорӣ мекунад. Адиби озодагуфтор ва мутафаккири комгор дар тафсири аҳаммияти амалии дониш чанд аср аз замони худ пештар рафта, муътақид аст, ки ҳаракат ба сӯйи илму маърифат тавассути таҷриба, ба тағйири миқдорӣ ва сифатии ашё оварда мерасонад. Маҳсули арзишманд ва барои инсоният судманд тавлид мекунад. Ба қавли мутафаккири воқеиятшинос **«Ҷараёни омӯхтан ва ҳамзамон таҷриба андӯхтан, мафҳуми абстрактиро ба ҳақиқати ба воқеият мубаддалгашта табдил медиҳад».** Мутаассифона, аз замони шоир то ба имрӯз, ки зиёда аз ҳазор солро дар бар мегирад, сарфи назар аз кӯшишу талошҳои ҳамагонӣ, масъалаи «хӯрданӣ» ва «оварданӣ» мубрам ва боиси таассуф боқӣ мемонад. Шоири ватанпарвар ва бо нангу ор мефармояд:

*Дигар дониш он аст, ки аз хӯрданӣ,*
*Фароз оварӣ рӯйи оварданӣ.*

Яъне дараҷаи илму дониш ва маданияту маърифат, тавъам бо таҷрибаи амалӣ, ки маҳаки озмоиши ҳама гуна саводнокӣ аст, мебояд ба ҳамон дараҷаи рушду тараққӣ бирасад, ки ҷомеа аз дастнигарии истеъмолкунанда *(воридотӣ)* ба афзалияти истеҳсолкунанда *(содиротӣ)* мубаддал гардад. Шоири донишманди пешбин, пухтакор ва ҳамосасарои ба ҳама тавсиф сазовор, тавассути эҳсос ва истилоҳоти бадеӣ масъалаи алоқамандии илму донишро дар таъмини амнияти ҷомеа фурӯгузор накардааст.

(Давомаш дар саҳ. 13)







# ДУРНАМОИ ВАО-И КИШВАРҲОИ ИДМ

## Зеҳни сунъӣ хатар ё кумакрасон?

**Дар шаҳри Москва сеюмин Форуми кишварҳои аъзои ИДМ таҳти унвони "Рушди ВАО дар ҷаҳони тағйирёбанда" баргузор шуд. Иштирокчиёни форум, аз ҷумла намояндагони расонаҳои 9 кишвари аъзои ИДМ мушкилот ва дурнамои рушди васоити ахбори оммаро дар ҷаҳони муосир баррасӣ карданд. Дар ин форум масоили мубрами рушди захираҳои расонаӣ дар фазои ИДМ низ ба миён гузошта шуд.**

### ЖУРНАЛИСТ НАМОЯНДАИ МАРДУМ

Ҷаласаи асосиро Дмитрий Киселёв, директори генералии гурӯҳи расонаҳои байналмилалии "Россия сегодня" ифтитоҳ бахшид. Ӯ дар суханронии худ таъкид кард, ки ҳоло ҷомеа худро таваccути журналистика, тавре қаблан таваccути адабиёт ё шеър анҷом медод, дарк мекунад. Айни замон, ӯ мактаби журналисти ватаниро "мустаҳкам" номид. Аммо даъват кард, ки фаромӯш накунем, дар шароити муосир ҳам Русия ва ҳам дигар кишварҳои ИДМ бояд танҳо ба худ такя кунанд ва манфиатҳои миллии худро ҳифз намоянду раҳнамо бошанд.

«Журналист на давлатро намояндагӣ мекунад, на соҳиби ВАО-и хусусиро. Ӯ ҷомеаро намояндагӣ мекунад. Вай саволҳоеро медиҳад, ки дар ҷомеа ба миён меоянд. Вай ба саволҳое, ки ҷомеа шунидан мехоҳад, ҷавоб медиҳад. Журналистика воситаи инъикоси ҷамъиятӣ, тафаккури ҷомеа аст»,- изҳор дошт Дмитрий Киселёв.

Белла Черкесова, муовини вазири рушди рақамӣ, алоқа ва коммуникатсияи Русия, Екатерина Ларина, директори Департаменти рушди коммуникатсияҳои оммавӣ ва ҳамкории байналмилалӣ низ дар ҷаласаи ифтитоҳӣ сухан карданд. Намояндаи Вазорати фарҳанг, иттилоот, варзиш ва сиёсати ҷавонони Қирғизистон Зарина Калмуратова бошад, аз расонаҳои кишварҳои ИДМ даъват кард, то ба ҳодисаву вокеияти нав мутобиқ шаванд, ҳувият ва арзишҳои худро нигоҳ доранд. Аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонишини сармуҳаррири ҳафтаномаи "Тоҷикистон" Усмон Раҳимзода дар форум иштирок ва дар мавзӯи "Тамоюлҳои нав дар журналистикаи Тоҷикистон ва таъсири он ба афкори ҷамеа" суханронӣ намуд.



*Дмитрий Киселёв, директори генералии гурӯҳи расонаҳои байналмилалии "Россия сегодня"*

### ОЯНДАИ ВАО

Паёми дабири кулли ИДМ Сергей Лебедевро дар ин форум котиби матбуотии дабири кулли ИДМ Светлана Малинина расонд. Дар суханронии Светлана Малинина таъкид карда шуд, ки расонаҳои муосир қолабҳои кӯҳнаро аз байн бурда, қолабҳои навро меомӯзанд. Ӯ ба иштирокдорони форум хотиррасон кард, ки дар саммити ИДМ, ки моҳи октябр баргузор шуд, изҳороти сарони давлатҳо дар бораи рушди ҳамкорӣ дар соҳаи зеҳни сунъии таъиноти шаҳрвандӣ қабул карда шуд. Матни он дар СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ паҳн шудааст. Светлана Малинина қайд кард, ки ВАО-и Иттиҳод ба таври ҷиддӣ ба ҷорӣ кардани зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ машғуланд. Зеҳни сунъӣ аз як тараф, ин имкониятҳои қариб беохир аст, аз тарафи дигар, ин хатарҳо ва таҳдидҳо дар соҳаи амният ва ахлоқӣ мебошанд.

"Ҷавоби мо ба ин мушкилотояндаи журналистика ва таъсири ВАО-ро ба фазои ягонаи иттилоотии Иттиҳод, ки ману шумо дар тӯли зиёда аз 30 сол эҷод мекунем ва такмил медиҳем, муайян мекунад",- таъкид дошт номбурда.

Дар матни баромади Дабири кулли ИДМ Сергей Лебедев омадааст, ки форум дар давраи тағйироти ҷиддии ҷаҳонӣ, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёт ва ВАО, аз ҷумла ба он дахл дорад, баргузор мешавад. Рушди технологӣ суръат мегирад. Расонаҳои муосир, ки як канали муҳими интиқоли иттилоот ва ташаккули афкори ҷомеа боқӣ мондаанд, хеле тағйир меёбанд, равишҳо ва ақидаҳои худро аз нав ташкил мекунанд, қолабҳои ба пешрафт монеъшавандаро аз байн мебаранд ва чизҳои навро меомӯзанд. Вай ба афзоиши таваҷҷуҳи Иттиҳод ба рушд ва татбиқи технологияи зеҳни сунъӣ, ки барои истифода дар соҳаҳои гуногун дастрас аст, ишора кард. "Аммо, вокеияти нави рақамӣ ба ҳамаи мо масъалаҳои муҳими амният, нигоҳ доштани субот ва эътимоднокии иттилоот, эҷод, интиқол ва нигоҳдории онро мегузорад. Меъёрҳои ахлоқӣ низ дар мадди аввал меистанд",- таъкид кард ӯ.

Ҳамчунин, Светлана Малинина зикр кард, ки Иттиҳод зидди монополияи соҳаи зеҳни сунъӣ ва пешбурди ташаббусҳои марбут ба истифодаи ахлоқии зеҳни сунъӣ дар дигар майдонҳои байналмилалӣ мебошад.

### АЗ ТЕХНОЛОГИЯИ НАВ ТО ТАҲДИД

Директори Лигаи интернети бехатар Екатерина Мизулина дар ҷаласа қайд кард, ки технологияҳои нав, ҳарчанд барои некӣ сохта шудаанд, дар шароити кунунӣ таҳдидҳои зиёде низ доранд. Зеро ба онҳо, аз ҷумла ҳамлагарон ё одамони ноустувори рӯҳӣ дастрасӣ доранд. Азбаски бисёре аз захираҳои медиавӣ барои тамоми фазои ИДМ ягона мебошанд, онҳо барои ҳамаи кишварҳои иттиҳод мушкилот эҷод мекунанд.

"Сатҳи эътимод ба иттилооте, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ пешниҳод мешавад, хеле баланд аст",- гуфт ӯ.

Дар айни замон, Екатерина Мизулина ба идеяи манъи истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби наврасон шубҳа кард. Ба гуфтаи вай, дар шароити кунунӣ чунин изҳорот бештар хусусияти популистӣ доранд ва амалан дар амал татбиқ намешаванд. Ғайр аз ин, раванди муосири таълимро бе гаҷетҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ниҳоят, баҳоҳо дар рӯзномаи электронӣ сабт карда мешаванд, дар он ҷо вазифаҳои хонагӣ сабт карда мешаванд ва дар айни замон аз мактаббачагон хоҳиш кардани истифодаи дастгоҳҳо аҷиб аст.

Дар сессияҳои алоҳида иштирокчиён ояндаи ВАО-и ИДМ дар шароити имрӯз, рушди технология ва зеҳни сунъӣ, тамоюлҳо ва муборизаи форматҳо, фактчекинг ва тасдиқи мундариҷа, рамзи ягонаи фарҳангии медиа ва лоиҳаҳои медиаи фаромиллиро муҳокима карданд.

### СЕНЗУРА ЗИДДИ РАСОНАҲОИ МУШАХХАС

"Ба андешаи ман, мо бо рушди шабакаҳои нейронӣ ба роҳи торик ворид шудем",- гуфт муҳаррири намояндагии "Российская газета" дар Бишкек Данияр Каримов. Ба гуфтаи ӯ, ҷаҳон барои эҷоди системаҳои пешрафтаи худидоракунӣ ба мусобиқа ворид шудааст ва суръати пайдоиши онҳо танҳо афзоиш хоҳад ёфт. Айни замон, он бо мубориза барои ҷараёнҳои иттилоотӣ ҳамроҳ карда мешавад. Ба назари мо, роҳбарияти платформаҳои ҷаҳонӣ кӯшиш мекунанд, ки сензураро бар зидди расонаҳои мушаххас ҷорӣ кунанд.

"Ҳама чизеро, ки мо дар чанд соли оянда мебинем, бозгашт ба принсипи тӯпхо ва зиреҳ аст",- қайд кард Данияр Каримов.

Дар ҷараёни баррасии масъалаҳои мубрами ВАО дар кишварҳои ИДМ, иштирокчиёни форум пешниҳодҳо низ ироа карданд. Аз ҷумла, ба ақидаи директори Лигаи интернети бехатар Екатерина Мизулина, кишварҳои ИДМ бояд бо талошҳои муштарак кори бузургтарин захираҳои ВАО ва роҳбарони афкори ҷамъиятиро танзим кунанд. Вай қайд кард, ки каналҳои иғвоангези Telegram, ки дар Беларус маълумоти бардурӯғ паҳн мекарданд, метавонанд фавран ба кишвари дигари Иттиҳод гузаранд.

Дар мизҳои мудаввари форум коршиносони соҳаҳои гуногун ва намояндагони расонаҳои кишварҳои аъзои ИДМ атрофи фаъолияти ВАО, масъалаҳои фактчекинг ва санҷиши мундариҷа, форматҳои гуногуни ВАО-и муосир, инчунин, ба кори рӯзномanигорон дар фазои умумии ИДМ диққати асосӣ доданд.

Бояд гуфт, ки ин форум ба таҳлили вазъи кунунӣ ва дурнамои фаъолияти ВАО дар Иттиҳод бахшида шуда, таваҷҷуҳи иштирокчиён ба ВАО-и муосир: аз рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо то зеҳни сунъӣ; тамоюлҳои ВАО ва форматҳои мубориза; ВАО: идоракунии оянда ва ғайра равона гардида буд.

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
**Душанбе - Москва - Душанбе**

## Ҷӯрабек Набиев:

# ҚАБЛАН БАРОИ САР СУРУД МЕХОНДАНД, ҲОЛО БАРОИ ПОЙ

**Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Ҷӯрабек Набиев яке аз ҳофизони номвари "Шашмақом" ва устоди шуҳратёри мусиқии суннатии тоҷик мебошад. Чанде пеш дар шаҳри Хуҷанд ба зиёрати эшон мушарраф шудем ва суҳбате оростем, ки фишурдаи он манзури шумо мешавад.**



### ХУДРО ФИДОИ ШУНАВАНДА МЕКУНАМ, АГАР...

**- Устоди азиз, имрӯзҳо ба чӣ корҳо машғулед?**

- Ташаккур, ки ёди мо кардед. Гарчанде синну солам ба ҷое расидааст, вале завқу шавқи эҷоди суруд ва сароидан дар қалби ман хомӯш нашудааст. Дилам мехоҳад, ки шунавандаҳои хуб бошанд, хуб гӯш кунанд, дарди маро фаҳманд. Барои чунин шунаванда худамро фидо мекунам.

**- Шумо сурудҳои классикӣ ва шеърҳои баланд иҷро мекунед. Дар замони мо нафароне, ки шеъру мусиқии асилро дарк кунанд, хеле кам ҳастанд, ки шумо ба ин ишора кардед. Сабаб чист?**

- Дар ҳамаи даврҳо нафароне, ки фаҳми паст доштанд, буданд, вале мутаассифона, солҳои охир зиёд шудаанд. Банда суруде дорам - "Гарчи ту ёд зи боғам накунӣ", ки 60 сол қабл эҷод карда будам ва онро ҷавонон имрӯз ҳам месароянд. Ба наздикӣ нафаре ба ман мегӯяд, ки як сурудатон хаст ку, "ғам накунӣ". Бубинед, ба маънои як чизи одӣ намеравад. Вале инҳо муҳим нест. Хушбахтона, дар ҷомеаи мо ҳастанд нафароне, ки шеъри асилро дарк мекунанд, мусиқии нағзро мешиносанд. Банда ба шогирдҳо ҳамеша насиҳат мекунам, ки суханҳои баланд хонед, барои баланд бардоштани маънавиёти мардум хизмат кунед. Мо ҳунармандон ҳам муаллим ҳастем, дарс медиҳем, фақат аз саҳна, фарқамон ҳамин, ки имтиҳон намегирем.

**- Шумо сурудҳоеро, ки солҳои охир сарояндагони ҷавон месароянд ва маъруфият пайдо мекунанд, гӯш мекунед?**

- Бале. Вале мутаассифона, мусиқии арзишманд хеле камаст. Ман тамоми умр, то ҳоло мусиқӣ гӯш мекунам ва меомӯзам. Ҳозир ҷавонҳо гӯш намекунанд. Мусиқии Ғарбу Шарқро камтар дигар карда мехонанд. Дар як суҳбат вақте дар бораи вазъи кунунии санъат аз банда пурсиданд, гуфтам, ки дар даврҳои мо суруд барои сар хонда мешуд, ҳозир барои пой хонда мешавад. Пой ба ракс дарояд шуд, мағз озод. Барои фикр кардан, андешидан дигар мардум на ҳавсала доранд, на иштиёқ ва на эҳтиёҷ.

**- Шумо фаъолияти эҷодиатонро 60 сол қабл сар карда будед. Мардум он вақт чӣ навъи сурудҳоро гӯш мекарданд?**

- Аз даврҳои донишҷӯӣ ба фаъолияти ҳунарӣ сар карда, тӯӣ мерафтагӣ шудам. Имрӯзҳо, бо гузашти солҳо, ба одамони ҳамон давра қоил мешавам. Он солҳо микрафон набуд, ҳама бо иштиёқ суруд гӯш мекарданд. Мардум аз рӯйи коғаз мехонданд, бесавод буданд, кам одамон маълумоти синфи 10 доштанд, вале ишқ ба шеъри баланд доштанд, мефаҳмиданд. Ман ҳайрон мешавам. Дар атрофи мо шеърҳои Машраб машҳур буд. Вақте дар маъракаҳо ғазалҳои Машрабро месароидем, ба шӯр меомаданд. Чунки он давра дар ҳар маҳалла маҳфилҳои "Машрабхонӣ", "Шоҳномахонӣ" ва миёни занхо "Марсияхонӣ" буд. Дирӯз як ҷавон кондитсионери хонаи маро таъмир кард. Мегӯяд, ки дар оши наҳор ҳар қадар, ки ҳофизонро гӯш кардааст, ҳеҷ чиз нафаҳмидааст. Наход то ҳамин дараҷа бошад, ки аз шеъри тоҷикӣ чизе нафаҳмад.

**- Шумо ҳанӯз ҳам тӯйгардӣ мекунед?**

- Кам-кам ба маъракаҳои қадрдонҳо меравам.

### РӮ БА ШЕЪРИ ФОРСӢ

**- Шумо аслан ӯзбекзабон ҳастед, лекин шеъри форсӣ-тоҷикиро ин қадар нозук дарк мекунед ва аз ҳама муҳим, дуруст ва муассир мехонед. Ин қобилият дар шумо аз куҷост?**

- Ман аз ҷавонӣ ба ҳунари сароядагӣ майл доштам. Китоб кам буд. Баъд аз он ки донишҷӯ шудам, ҳар рӯз ба мағозаи китоб даромада, китобҳои нағз бошад, мегирифтам. Вале бештар сурудҳоро аз радио шунида, сухаңашро навишта мегирифтем. Бояд бигӯям, ки ман дар мактаби миёна ва олӣ бо забони ӯзбекӣ таҳсил кардаам. Вақте дар театр ба кор даромадам, сурудҳои ӯзбекӣ месароидам. Касе маро маҷбур накардааст, ки тоҷикӣ сароям. Худам фикр кардам, ки вақте ватани ман Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, бояд ба тоҷикӣ низ суруд бихонам. Замони таҳсилам дар курси 4 аз газетаи "Педагоги ҷавон" шеъре ба назарам афтод:

*Орзу дорам туро як дам*
*бубинам, дилбаро,*
*Бо ту як дам дар чаманзоре*
*бишинам дилбаро.*

Ба ҳамон оҳанг баста сароидам. Баъдан шеърҳои Абдумалик Баҳориро, ки барои ман фаҳмо буданд, ба оҳанг даровардам. Оҳиста-оҳиста ба Ҳилолӣ ва ҳамин тавр, ба Саъдиву Ҳофизу Мавлоно гузаштам. То ҳол банда дар ҷустуҷӯ ҳастам, калимае нафаҳмам, аз "Фарҳанги забони тоҷикӣ" мебинам.

**Видеои суҳбати мазкурро бо сурудҳои нави Ҷӯрабек Набиев дар YouTube-канали pressa.tj тамошо кунед!**

### 6 СОЛ ДАР ӮЗБЕКИСТОН

**- Шумо миёни ӯзбекзабонон ва дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳам шуҳрат доред. Солҳои охир ба ҳамсоякишвар даъват мешавед?**

- Банда аз соли 1973 дар муҳити Ӯзбекистон ном баровардам. Ҳамон сол 4-рӯза бо аҳли театр ба сафари ҳунарӣ рафтем. Ҳунарнамоии маро дида, ба телевизиони Тошканд даъват карданд ва 40 дақиқа сурудҳоямро сабт карданд. Ҳамон ҷо ман 5-6 суруди тоҷикӣ, як покистонӣ, як афғонӣ ва се ӯзбекӣ хондам. Баъди ду ҳафта боз ҳамон барномаро такрор нишон доданд. Ҳамин тавр, дар Ӯзбекистон шинохта шудам. Банда дар ҳамаи шаҳру навоҳии Ӯзбекистон бо барномаи ҳунарӣ будам ва дар маъракаҳои мардум хизмат кардаам. Солҳои охир ҳам зиёд даъват мекунанд, вале бештар рад мекунам. Аммо телевизионҳои Ӯзбекистон пайваста барои банда барномаҳо ташкил мекунанд.

**- Шумо дар замони истиқлол як муддат ба Ӯзбекистон кӯчидед. Сабаб чӣ буд?**

- Бале. Баъди ба нафақа баромаданам маро ба Консерваторияи Тошканд даъват карданд. Дар он ҷо 6 сол кор кардам. Ҳоло дар факултаи санъати Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дарс мегӯям.

### ҲИКМАТИ ШУКР КАРДАН

**- Устод, шумо кӯдакии душворро пушти сар кардаед. Падаратон дар ҷанг мефавтанд ва модар танҳо шуморо ба воя мерасонанд. Имрӯз, аз ин қуллаи умр кӯдакиатонро чӣ тавр ба ёд меоред?**

- Зиёд фикр мекунам ва бештар модарамро ба ёд меорам. Худороҳматӣ модарам тамоми умрашро ба ман бахшид. Тамоми умеди модар ман будам. Зеро дар ин дунё мо ду нафар танҳои танҳо будем, дигар касе надоштем. Шукр мекунам, ки модарам рӯзҳои нағзи маро ҳам шоҳид шуд. Дар барномаҳои консертӣ ва шабҳои эҷодиам ширкат кард. Унвонҳои давлатӣ ва "Диски тиллоӣ" гирифтанамро ҳам дид. Дар шаби 25-солагии фаъолияти эҷодиам вақте суруди "Туйӣ модар"-и Лоиқ Шералиро сароидам, касе модарамро ба саҳна баровард. Ба модарам гул додаму ӯ маро ба оғӯш гирифт ва ҳар ду гиристем. Имрӯз фикр мекунам, ки чӣ қадар сари модарам ҳамон рӯзҳо ба осмон расида бошад, ки муваффақияти фарзанди ягонаашро дид...

**- Имрӯзҳо фарзанди шумо низ роҳи шуморо идома медиҳад.**

- Бале. Ман аз ҳунари фарзандам қонеъ ҳастам. Овози хуб дорад. Танбурнавози нағз аст. Ҳоло дар бисёр маъракаҳо якҷоя баромад мекунем.

**- Устод, аз сарнавишти хеш розӣ ҳастед?**

- Бале. Ман аз ҳаёт хеле миннатдорам. Ҳар чизе орзу мекардам, Худованд зиёдашро дод. Ман шону шуҳрат ва сарвату давлати зиёдро бардошта наметавонам, қувват надорам. Ҳамин ки мардум дар кӯча ҳолпурсӣ ва эҳтиром мекунанд, барои ман кифоя аст. «Нафаҳот-ул-унс» ном китоби Абдураҳмони Ҷомиро, ки бо хоҳиши Алишер Навоӣ таълиф шудааст, хондам. Ин китоб аз рӯзгори шайххо қиссаҳои ҷолиб мекунад. Дар ин китоб ҳикояте ҳаст. Иброҳими Адҳам меҳмони шайх Шақиқ ибни Иброн мешавад. Баъди ҳолпурсӣ Шақиқ савол медиҳад, ки зиндагиатон чӣ тавр аст? Иброҳими Адҳам ҷавоб медиҳад: "Чун ёбем, шукр мекунем, чун наёбем, сабр". Шақиқ мегӯяд: "Сагони Хуросон низ ҳамин тавр зиндагӣ мекунанд... Мо чун ёбем, эҳзор мекунем, чун наёбем, шукр". Иброҳими Аъзам аз ҷой хеста ӯро устод мехонад. Воқеан, бо буда шукр кардан осон, бо набуда чӣ мекунед? Акнун тасаввур кунед, ки барои рӯзгори осоишта ва серу пури кунунӣ чӣ қадар бояд шукр кунем?!

**Мусоҳиб:**
**Одил НОЗИР**



# САРЧАШМАИ МУҲАББАТИ МАН



*Дар ҷанозаи модари ман, шайх Латифа бинти Ҳамдан Ал Наҳян, соли 1983*

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Моҳи майи соли 1983 ман модарам Латифа бинти Ҳамдан, пораи диламро аз даст додам. Падарам ҳамсари беҳамтои худро, ки беш аз чил сол паҳлуи ӯ буд, аз даст дод. Ӯ пуштибон, ҳамсари азиз, дӯст ва маҳбубашро гум кард. Падарам модари ман - ягона шахсеро, ки ба ӯ бовари дошт, ҳар рӯз наҳориашро омода кунад, аз даст дод. Ӯ одат дошт, ки лоиҳаҳои чориро субҳи саҳар баррасӣ кунад ва сипас барои ҳамроҳ шудан ба ӯ дар наҳорӣ ва бахра бурдан аз гуфтугуҳои тӯлонӣ ба хона баргардад.

Ҳоло кӣ барои ӯ наҳорӣ омода мекунад? Кӣ бо ӯ суҳбат хоҳад кард? Вақте ки ӯ рафт, Рашид ибни Саид абадан тағйир ёфт.

Ман низ модарамро дӯст медоштам ва ӯ маро самимӣ дӯст медошт. Мисли ҳар кӯдак, ҳамеша даъво мекардам, ки ман дӯстдоштаи ӯям. Бузургии модар дар он аст, ки ба ҳар як фарзандаш эҳсоси наздиктар будан ба дили ӯро медиҳад. Вақте ки ман калон шудам, ҳамеша кӯшиш мекардам ӯро хушбахт кунам. Ман кӯшиш мекардам барои ӯ тухфаи арзанда аз ҳар сафари хориҷӣ биёрам. Хушбахтии ӯ ширинтарин лаззат барои ман буд. Табассуми ӯ маро барои тамоми рӯз рухбаланд мекард ва суханонаш бузургтарин тасаллои ман дар зиндагӣ буданд.

**МАН МОДАРАМРО ДӮСТ МЕДОШТАМ ВА Ӯ НИЗ МАРО САМИМӢ ДӮСТ МЕДОШТ. МИСЛИ ҲАР КӮДАК, ҲАМЕША ДАЪВО МЕКАРДАМ, КИ МАН ДӮСТДОШТАИ ӮЯМ. БУЗУРГИИ МОДАР ДАР ОН АСТ, КИ БА ҲАР ЯК ФАРЗАНДАШ ЭҲСОСИ НАЗДИКТАР БУДАН БА ДИЛИ ӮРО МЕДИҲАД. ВАҚТЕ КИ МАН КАЛОН ШУДАМ, ҲАМЕША КӮШИШ МЕКАРДАМ ӮРО ХУШБАХТ КУНАМ.**

Ҳар касе, ки ҳеҷ гоҳ муҳаббат ва пайванди модариро надидааст, ҳеҷ гоҳ воқеан зиндагӣ накардааст. Хастагии модар моро ранҷур месозад, ғаму андӯҳи модар дили моро мешиканад, беморӣ модар моро заиф мекунад. Мо метарсем, ки ҳатто як чизи хурд метавонад ҷисми ӯро ба дард орад.

Чӣ мешавад, агар мо ӯро аз даст диҳем?

Чӣ мешавад, агар ӯ моро тарк кунад?

Дарди ваҳшатнок, холигии бузург, эҳсоси бекасӣ - ҳамин аст ҳиссиёте, ки мо замони аз даст додани модаронамон аз сар мегузаронем.

Падарам пас аз бемории дарозмуддат саломатӣ ва ҳолати худро базӯр барқарор карда буд, ки дучори зарбаи ғамангези талафот шуд. Марде қавӣ, устувор, дар сахтиҳо шикаст нахӯрда ва ҳеҷ гоҳ таслим нашуда аз марги ҳамсараш Латифа сахт рӯҳафтода ва ғамгин буд. Ӯ дигар мисли пештара набуд.

Пас аз даргузашти модарам аз аҳволи падарам нигарон будем. Мо дар ин рӯзҳои вазнин ҳамеша дар паҳлуи ӯ будем. Ин рӯзҳо на танҳо барои мо, балки барои тамоми Дубай ва онҳое, ки модари Дубайро самимона дӯст медоштанд, такондиҳанда буд.

Шайх Латифа бемороиро табобат мекард, ба кӯдакон ғамхорӣ менамуд, камбағалонро тасаллӣ медод ва бо занон ҳамдардӣ мекард, дар шодиву ғами онҳо шарик мешуд. Ман дида будам, ки чӣ тавр ӯ омода кардани хӯрокро назорат мекард ва баъдан онро ба ҳамсоягон, хешовандон ва меҳмонон тақсим менамуд.

Хастагии модар моро дардманд, ғами модар моро порапора месозад. Чӣ мешавад, вақте мо ӯро аз даст медиҳем?

Чӣ мешавад, агар ӯ моро тарк кунад?

Ман то ҳол он лаҳзаи охирини дидорро бо ӯ пеш аз сафар ба Англия барои табобат ба ёд меорам. Ман ӯро бӯсидам. Ӯро ба оғӯш гирифтам. Сахт дар оғӯшам нигоҳаш медоштам. Дасташро ба дастам гирифтам. Ӯ ба ман нигариста, пурсид:

«Оё дар ҷаҳон касе мисли ту ҳаст?».

Вай бо тааҷҷуб ба соате, ки дар дастам буд, нигарист ва сипас рафт. Ман дар бораи тухфае фикр кардам, ки метавонистам барояш ҳангоми бозгашт тақдим кунам. Фикр кардам, фикр кардам, то ниҳоят қарор додам, ки соати худро ба ӯ ҳадя кунам. Дар дил эҳсос мекардам, ки ӯ мехост як порае аз ман бо худ дошта бошад, ки ҳамеша дар паҳлуяш бошад. Аз ин рӯ, қарор додам, ки соатеро, ки писандидааш буд, ба ӯ тақдим кунам.

Мутаассифона, модарам дигар ҳеҷ гоҳ барнамегардад.

Маросими дафни модарам бошукӯҳ буд. Ҳазорон нафар барои видоъ бо ӯ омада буданд ва бисёриҳо ба хотири аз даст додани модари Дубай гиря мекарданд. Дар ҳоле, ки падар ва бародаронам аз боло ба ман менигаристанд, ӯро ба манзили охиринаш фаровардам. Ӯро дар хонаи охират гузоштам. Ашкҳо рӯйи рухсорам мешориданд.

Вақте ки аз қабр берун мебаромадам, соатам аз дастам лағжид. Гунг шуда будам ва наметавонистам чизе бигӯям. Ба соатам, ки дар паҳлуи модарам қарор гирифта буд, нигариста, дард ва ғами гаронро эҳсос кардам. Ба худ гуфтам: «Порае аз ман бо ӯст, ки дар роҳи охиринаш ҳамроҳаш хоҳад буд».

Хастагии модар дили моро ба дард меорад, ғами модар диламонро пора ва бемории ӯ қувватамонро мегирад.

Чӣ мешавад, агар ӯро аз даст диҳем?

Чӣ мешавад, агар ӯ моро тарк кунад?

Бо рафтани модарам хонаи мо дигаргун шуд. Барои ҳамеша дигаргун шуд. Ҳама чизе, ки аз баракати ӯ доштем, акнун танҳо ба як ёдгории ширин табдил ёфта буд. Пас аз марги ӯ, падарам устувор, бошараф ва матин боқӣ монд. Сабур, ғамзада ва ботаҳаммул буд. Баъд аз чанд рӯз, ӯ Камол Ҳамза, роҳбари муниципалитети Дубайро наздаш хонд. Ҳамза фавран омад. Падар аз ёвари худ, Саллом, хоҳиш кард, ки қалам ва коғаз биёрад. Нигаҳаш ҳамзамон ғаму андӯҳи амиқ ва ҳам иззату ифтихорро инъикос мекард. Ӯ гуфт: «Навис! Ман хоҳиши маҳбуби рафтаамонро ба ту дикта мекунам».

Сипас, бо ашки талх гирист. Ҳамза аз дидани ин манзара дар ҳайрат афтод. Мардум одат карда буданд, ки падарамро марди қавиирода, ҷасур ва масъул бинанд - роҳбаре, ки ҳамеша ба ҳалли ҳар мушкил қодир буд. Дар ҷомеа, падарам ҳамчун муҳандисе маъруф буд, ки Дубайро сохт, бунёд гузошт, эҳёро оғоз ва лоиҳаҳоро раҳнамоӣ мекард. Ҷаҳон ихлосманди падарам буд. Ҳеҷ кас интизор надошт, ки шоҳиди чунин лаҳзае гардад, лаҳзае, ки ҷанговари далер шикаста шавад. Онҳо тамоми дардеро, ки ӯро аз дарун фаро гирифта буд, мушоҳида карданд. Ба ӯ як пиёла об доданд ва раҳмати Парвардигорро хотиррасон карданд, то ки ором гирад. Баъди ором шудан ӯ боз хоҳиш кард, ки иродаи маҳбуби аз даст рафтаашро сабт кунанд.

Ва боз бо ашкҳои талх гирист, такроркунон: «Иродаи маҳбуби рафтаам, иродаи маҳбуби рафтаам, иродаи маҳбуби рафтаам...».

**(Давом дорад)**

**ДАР ШУМОРАИ ОЯНДА**

**Дубай ба таври тасодуфӣ бунёд нашудааст. Баръакс, Дубай натиҷаи сафарест, ки зиёда аз 185 сол давом кардааст.** Дубай маҳсули роҳи дарози мубориза ва талошҳо дар бартараф кардани хатарҳоест, ки ба вуҷуд ва дурнамои дарозмуддати он таҳдид мекарданд. Ман боварӣ дорам, ки Дубай ҷавоҳири ҷаҳон аст ва ҳамеша хоҳад монд, агар хости Худо бошад...



*Ҷанозаи шайх Латифа бинти Ҳамдан Ал Наҳян, соли 1983*

# «ҶОН»-И НАВ ДАР ТУТАКА

## Ё корномаи Асадулло Файзуллоеви 85-сола





**Дар остонаи солгарди тасвиби Қонуни асосии Тоҷикистон рӯйдоди муҳиме дар ҳаёти сокинони як гӯшаи кишвари азизамон, дар рустои Тутакаи ҷамоати Алмосии шаҳри Ҳисор ба вуқӯъ пайваст. Дар ин деҳа, ки дар беш аз 30 соли охир домани худро густурда ва бузург шудааст, мактаби нав кушода шуд.**

### МУШКИЛИ ДЕҲАИ НАВ

Бо баҳонаи ифтитоҳи ин даргоҳи ҷадиди илму маърифат Ҷаббор Носирзода, иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Ҳисор, Сурайё Дӯстмуродзода, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Равшан Каримзода, муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рустои мо ташриф оварданд. Даҳҳо нафар аз бошандагони Тутака ва деҳоти атрофи он дар маросими ифтитоҳи мактаб ҳузур доштанд. Он рӯз шодию хурсандии онҳоро интиҳо набуд. Зеро мактаби асосии деҳа, ки соли 2006 бо кумаки молии кишвари Ҷопон бунёд шуда буд, аз маҳаллаи навбунёди деҳаи Тутака дар фосилаи наздики 3 километр воқеъ аст. Дар рӯзҳои сарду боронӣ паймудани ин роҳи дароз барои фарзандони сокинони ин маҳаллаи навбунёд, бахусус донишомӯзони синфҳои поёнӣ бисёр сахту душвор буд. Мушкили бемактабӣ мардуми маҳалларо ба танг оварда буд, аммо онҳо дар ҳалли ин мушкил оҷиз буданд.



### БОЗ ШУДАНИ ГИРЕҲИ МУАММО

24-уми апрели соли 2024 Ҷаббор Носирзода, иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Ҳисор дар мактаби рақами 31-и ин шаҳр бо сокинону фаъолони деҳоти Алмосӣ дидор кард. Дар канори дигарон, Асадулло Файзуллоеви 85-сола, яке аз куҳансолтарин бузургони деҳаи мо низ дар ин мулоқот ҳузур дошт. Ӯ ба раҳбарони шаҳр аз мушкили бемактабии ҳамрустоиҳояш дарди дил кард. Ва дар охири суҳбаташ эълом дошт, ки баъд аз машварат бо фарзандону пайвандони худ тасмим гирифтааст дар як гӯшаи замини наздиҳавлигиаш, дар маҳаллаи навбунёди деҳа барои ҳамдиёронаш мактаби нав созад. Ин пешниҳод аз сӯи роҳбарони шаҳр ва аҳли нишаст бо хушнудӣ пазируфта шуд.

Ҳиммати баланди ин марди саховатпеша гиреҳи муаммои бемактабиро боз кард. Дар иҷрои ин кори хайру савоб такягоҳи асосии Асадулло Файзуллоев писари хурдиаш Неъматулло буд, ки дар шаҳри Ҳисор машғули сохтмони хонаҳои маскунӣ мебошад.

Дар ҳудуди шаш моҳ гавҳари мақсуд ба даст омад ва мактаби дуошёна бо 420 ҷойи нишаст қомат афрохт. Дар ин кори хайр фарзандони дигари деҳа, ки соҳибкору тоҷир ҳастанд, дасти ёрӣ дароз намуданд. Мактаб бо кӯшиши ҳамдеҳаи дигари мо Раҷабалӣ Собиров бо оби зерзаминӣ таъмин шуд. Соҳибкорон ва аҳолии маҳалла роҳи мунтаҳӣ ба мактабро бетонпӯш карданд. Рӯзҳои наздик маркази гармидиҳии мактаб ба истифода дода хоҳад шуд.

### КИСТ ИН МАРДИ САХОВАТПЕША?

Асадулло Файзуллоев фардест, ки ҳамеша барои ободии диёр меандешад. Аксари ҳамдиёрони мо аз ибтикору талошҳои ӯ барои бозсозии масҷиди русто, таъмири роҳҳои байни деҳа ва бунёди маконҳои умумӣ дар зодгоҳаш воқиф ҳастанд.

Асадулло Файзуллоев зодаи деҳаи Тутака аст. Ӯ баъд аз фориғ шудан аз мактаб дар ҳунаристони техникии шаҳраки Ҷептураи ноҳияи Шаҳринав таҳсил карда, соҳиби ҳуҷҷати ронандагӣ шудааст. Солиёни зиёд дар муассисаи давлатии нақлиётии №1-и шаҳри Душанбе ба ҳайси ронандаи кранҳои борбардор фаъолият дошт. Муддате дар студияи “Тоҷикфилм” ронанда буд. Акнун чандин сол аст, ки бознишаста шуда, дар канори фарзандону наберахо давлати пирӣ меронад.

### ПОДОШИ КОРИ НЕК

Дар маросими ифтитоҳи мактаби нав Асадулло Файзуллоев бо сипосномаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ҳисор қадрдонӣ шуд. Равшан Каримзода, муовини вазири маориф ва илми Тоҷикистон зимни истиқбол аз иқдоми неки ин марди саҳӣ гуфт: “Бовар дорем, ки ин кори хайри шумо дар сафҳаи таърихи диёр ҷовидона ба сабт хоҳад расид ва ҳар касе, ки дар мактаби нав таҳсил мекунад, зикри хайри шуморо хоҳад кард”.

Шамсиддини Қудрат, дӯсти ҳамсол ва дерини Асадулло Файзуллоев аз иқдоми ӯ барои бунёди мактаб дар деҳаашон ситоиш кард. Ба гуфтаи ӯ, холо дар маҳаллаи навбунёди Тутака наздики 90 хонавода зиндагӣ мекунанд. Ва акнун азобу машаққати фарзандони онҳо барои рафтан ба мактаби асосии деҳа, ки дар масофаи 3 километр дур аз маҳалла воқеъ аст, ба поён мерасад.

### ИФТИХОРОФАРОНИ ДЕҲИ МО

Ҳамдеҳаҳои бузургвори ман бори дигар ифтихорофаринӣ карданд. Онҳо дили бузург, ҳиммати баланд ва саховату накӯкории худро барои обод кардани диёри зарнисори Ҳисори Шодмон як бори дигар ба намоиш гузоштанд.

Бунёду рӯнамоӣ аз мактаби нав, ки барҳақ даргоҳи омӯзиши илму андӯхтани дониш аст, ҳадяи мардуми зодгоҳи ман ба истиқболи 35-умин солгарди Истиқлоли Тоҷикистони азизи мост. Дар назар аст, ки бо мусоидати мақомоти шаҳри Ҳисор мактаби наве, ки мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, дар оянда аз мактаби ибтидоӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ ба муассисаи таҳсилоти умумии асосии рақами 143 табдили ном кунад ва орзуи деринаи мардуми деҳ амалӣ шавад.

Сад сол пеш устод Садриддин Айнӣ, сардафтари адабиёти муосири тоҷик мактабро “ҷони инсон” номида буданд:

*... Бе ҷон ҷасадро қадре набошад,*
*Ҷисм аст инсон, ҷон аст мактаб.*

Хушҳолам, ки “ҷони нав” ба пайкари инсонҳои худогоҳи зодгоҳам, бахусус насли ҷавон руҳи тоза медамонад ва онҳо аз донишу ақлу хирад бар тани худ “ҷавшан” месозанд, то дар оянда аз газандҳои рӯзгор эмин бимонанд.

**Суҳроби ЗИЁ,**
**рӯзноманигор**

# БОЗЁФТИ НОДИРИ ТАЪРИХӢ ДАР ИСКОДАР

**Рӯзи 31.10.2024 зодаи деҳаи Искодари ноҳияи Айнӣ Темурбек Саидӣ ба Осорхонаи миллӣ ташриф оварда, доир ба мавҷуд будани дахма бо ҷасади мумиёшуда дар мавзеи Сари Майни деҳаи Искодар маълумот медиҳад.**



Роҳбарияти МД “Осорхонаи миллӣ” ба ин мавзуъ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҷиҳати гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ-ҷустуҷӯйӣ ба мавзеи мазкур экспедитсияи бостоншиносӣ ташкил намуд.

Вобаста ба ин, дар асоси Иҷозати мақоми ваколатдори давлатӣ - Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сармутахассиси шуъбаи бостоншиносӣ ва сиккашиносии Осорхонаи миллӣ Бобомуллоев Муҳсин сафарбар карда шуд. Дар натиҷаи таҳқиқу омӯзиш муайян гардид, ки воқеан, дар мавзеи Сари Майн дахмаи дуҳуҷрадор мавҷуд буда, дар дохили он зиёда аз 20 адад ҷасад (скелет) дафн карда шудааст. Аз миёни онҳо 3 ададашон мумиёшуда буда, 1 ададаш дар ҳолати хеле хуб қарор дорад. Ин ҷасади мумиёшуда дасту пой, пушт ва аз ҳама муҳим, симояш қариб пурра боқӣ мондааст.

Аҳамияти таърихии ин ҷасади мумиёшуда дар он аст, ки чунин бозёфт хеле нодир буда, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон авввалин маротиба кашф шудааст. Ба мисли ин ҷасади мумиёшуда дар Ҳавзаи Тарими Қошғари Чин (ибтидои асри XX) ва дар Ҷумҳурии Қирғизистон (1956) бозёфт гардидаанду халос.

Роҳбарияти Осорхонаи миллӣ тасмим дорад, ки ҷиҳати таҳқиқу омӯзиши пурраи мавзеи Сари Майн дар мавсими оянда бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ экспедитсияи илмӣ-бостоншиносӣ ташкил намуда, ҷасади мумиёшударо барои пешкаши тамошобинон гардонидан ба Осорхонаи миллӣ интиқол диҳад.

# АСРОРИ МАРГИ САРБОЗИ НЕРУҲОИ МАРЗБОНӢ

**Суди ҳарбии минтақаи Кӯлоб омили марги Ботир Эргашев, як сарбози Неруҳои марзбонии КДАМ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳинро таҳқиқ мекунад. Ҷасади ин сарбоз рӯзи 12-уми ноябр дар зодгоҳаш - ноҳияи Ҷаббор Расулов ба хок супорида шуд.**





Масъулини Неруҳои марзбонӣ ва хукумати маҳаллӣ ҳангоми супоридани ҷасади ин сарбоз ба волидонаш гуфтаанд, ки "ӯ худкушӣ кард". Волидони сарбози ҷонбохта даъво доранд, ки дар бадани фарзандашон осори латукӯб буд ва ба худкушӣ кардани ӯ бовар надоранд.

Суди ҳарбии минтақаи Кӯлоб ба "Азия-Плюс" тасдиқ кардааст, ки таҳқиқи марги Ботир Эргашев оғоз шудааст ва дар сурати собит шудани қонуншиканӣ, парванда боз хоҳад кард.

Баҳодур Эргашев, падари Ботир Эргашев мегӯяд, писари сарбозаш 10-уми ноябр, як рӯз пеш аз ҳодиса ба хона занг зада, додарашро бо муносибати рӯзи таваллудаш табрик гуфтааст ва изҳори хушнудӣ намудааст, ки дар зудтарин фурсат ба хона бармегардад.

"Соли 2022 ба хидмати ҳарбӣ рафт. Охирин рӯзҳои хидматаш монда буд. Пас аз чанд рӯз бояд бармегашт. Аз хидмат ҳеҷ гоҳ шикоят накарда буд",- гуфт Баҳодур Эргашев.

Аз ин лиҳоз, ӯ бовар надорад, ки фарзандаш худкушӣ карда бошад ва мегӯяд, дар ҷисми писараш осори латукӯб ва шиканҷаро дидааст. Бинобар ин, ӯ аз мақомот талаб дорад, ки омили марги фарзандашро таҳқиқ ва ошкор кунад. Ӯ мегӯяд, барои муайян кардани ин то зинаҳои боло шикоят хоҳад кард.



**Дар шаҳри Душанбе як мард барои фурӯхтани табарчаҳои оҳанин ба ноболиғон дастгир шудааст. Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе хабар медиҳад, ки гумонбар Бахтиёр Эмомови 43-сола аст.**

"Аз номбурда якчанд адад чунин табарчаҳо мусодира карда шуданд",- иттилоъ медиҳад ин ниҳод. Гуфта мешавад, ки нисбати ин нафар маводҳои зарурӣ тартиб дода шудааст, вале шарҳ дода нашудааст. Ёдовар мешавем, ки мақомоти милитсияи пойтахт дар ҷараёни рейди "Корд" аз чанд нафар ноболиғон ва ҷавонон корд ва табарча мусодира кард.

# ҲУНАРМАНДИ ТОҶИК 14 СОЛ ЗИНДОНӢ ШУД

**Суди вилояти Москва шаҳрванди Тоҷикистон Шарифҷон Тиллозодаро ба 14 соли зиндон дар колонияи низомаш сахт маҳкум кард. Дар ин бора хабаргузории Mediazona хабар медиҳад.**





Тиллозода ба ҷосусӣ гунаҳкор дониста мешавад. Қарор дар бораи парвандаи ӯ рӯзи 13-уми ноябр эълон шуд. Ҳабси шаҳрванди Тоҷикистон моҳи октябри соли 2023 замоне маълум шуд, ки Суди ноҳияи Лефортовои Москва ӯро дар СИЗО ҷойгир кард. Маълум нест, ки сабаби таъқиби ҷиноятӣ чӣ шудааст. Моҳи сентябри соли ҷорӣ мавод алайҳи ӯ барои баррасӣ ба Суди вилояти Москва ирсол шуда буд.

Тибқи маълумоти маҳзани судӣ, Тиллозода дар нақзи сиёсати будубош дар Русия гунаҳкор дониста шуда, суд қарор кард, ки ӯро панҷ ҳазор рубл ҷарима ва аз кишвар ихроҷ кунанд. Пас аз ин, Тиллозода дар боздоштгоҳи муваққатии хориҷиён дар Егоревски наздикии Москва ҷойгир шудааст.

Қарор оид ба парвандаи маъмурии Тиллозода 22-юми сентябри соли 2023 қабул шуда буд, ки маводи зидди ин шаҳрванди хориҷӣ бо сабаби хатоҳо дар ҳуҷҷатҳо ба шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Одинтсово баргардонида шуд.

Дар қарори ҷарима гуфта мешавад, ки 20-уми сентябри соли 2023 Тиллозода яке аз муқаррароти моддаи 11-и қонуни федералӣ дар бораи ҳаракати шаҳрвандони хориҷӣ дар худуди Русияро нақз кардааст. Он боздид аз хориҷиёнро ба "худудҳо, созмонҳо ва иншооте, ки тибқи қонунҳои федералӣ иҷозати махсус талаб мекунанд", манъ мекунад.

Тиллозода соли 1991 дар Душанбе таваллуд шуда, соли 2018 Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳунарпеша хатм кардааст. Аз соли 2021 ӯ дар Туркия кор кардааст.



**Як сокини ноҳияи Нуробод бо гумони сӯиқасд ба куштор дастгир шудат. Дар ин бора Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе хабар дод.**

Расулҷон Расулови 33-сола ба он гумонбар дониста мешавад, ки дар шаҳри Сахалини Русия мунтазам ба шиканча ва латукӯби муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон машғул будааст.

"Аз ҷумла, се маротиба сӯиқасд ба куштори шаҳрванд Н., сокини 33-солаи н. Панҷ намуда, ӯро тавассути таппончаи осебрасон (травматик) парронидааст, ки дар натиҷа тир ба ду нафар шаҳрвандони дигари тоҷик расида, ба онҳо ҷароҳатҳои ҷисмонӣ расонидааст",- иттилоъ медиҳад манбаъ.

# БОЗДОШТИ БИБӢ БАРОИ ЛАТУКӮБИ НАБЕРАҲО

**Мақомоти вилояти Хатлон занеро, ки навори аз сӯи ӯ химчакорӣ шудани панҷ кӯдак дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр шуда буд, боздошт кардаанд. Ин зан модарбузурги кӯдакони хурдсол будааст.**



Навори латукӯби панҷ кӯдаки хурдсол аз ҷониби як зан, ки рӯзи 16-уми ноябр ба шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфт, вокуниши зиёди корбаронро дар пай дошт. Дар навор дида мешуд, ки ин зан кӯдаконро, ки зоҳиран аз 3 то 7 сол доранд, дохили хона бурда, бо химча онҳоро мезанад. Кӯдакони хурдсол рӯи фарш хобидаанд ва гиряву зорӣ мекунанд, ки онҳоро назанад. Дар шарҳи ин навор корбарони зиёде аз мақомот талаб карданд, ки ин занро ёфта ва ба ҷавобгарӣ кашанд.

Раёсати ВКД дар вилояти Хатлон 17-уми ноябр бо нашри хабаре гуфт, ки ин занро боздошт кардааст. Ба гуфтаи манбаъ, ӯ сокини 54-солаи деҳаи Фрунзеи ҷамоати Мадании ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ аст ва кӯдакони хурдсол наберахои ӯ будаанд.

Милитсияи Хатлон гуфтааст, ки сабаби ба чунин кор даст задани боздоштшуда таҳқиқ мешавад ва ҳоло маълум нест, ки барои чӣ ӯ нисбат ба набераҳояш шиканҷаро раво дидааст. Назари худи ин зан ҳам маълум нест.

Бояд гуфт, масъалаи латукӯб ё хушанат нисбат ба кӯдакон дар Тоҷикистон доғ аст. Гоҳе наворҳои латукӯбу азияти ноболиғон ба шабакаҳи иҷтимоӣ роҳ меёбад ва сарусадои зиёде барпо мекунад. Қонунгузории Тоҷикистон барои латукӯби ноболиғон вобаста аз сахтии ҷиноят аз ҷарима то 2 соли зиндонро пешбинӣ мекунад.



**Ду корманди Комиссариати ҳарбии шаҳри Исфара бо гумони гирифтани пора дастгир шудаанд. Гумонбарон барои носолим гузаронидани даъватшавандаҳо аз хешовандонашон пул гирифтаанд.**

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия аз гумонбарон нозири мизи ҳарбии ҷамоати деҳоти Кӯлканд Давронов О. ва сардори зершуъбаи қайди афсарони эҳтиётӣ дар Ворухи Комиссариати ҳарбии шаҳри Исфара Кенҷаев Ш. ном бурд. Онҳо аз шаҳрванд М. М. 40000 сомонӣ талаб намудаанд. Гумонбаронро аз 8 то 12 соли зиндон интизор аст.

# ШИР БА КӢ ЗАРАР ДОРАД?

**Шир яке аз ғизоҳои бениҳоят муфид буда, дар таркиби он моддаҳои ба ҷисми инсон фоиданок, аз қабили калсий, фосфор ва аминокислотаҳо зиёданд. Туфайли ҳамин моддаҳои муфид шир фишори хунро паст намуда, асабро ором месозад. Аз ҳамин хотир, табибони асабшинос пеш аз хоб нӯшидани як пиёла ширро тавсия медиҳанд. Аммо хӯрдани шир ба баъзеҳо зарар дорад…**



### ДАМИШИ ШИКАМ

Барои он ки шир хуб ҳазм шавад, ҷисми инсон бояд ба миқдори зарурӣ лактоза ҳосил намояд. Агар дар организми шумо норасоии лактоза вуҷуд дошта бошад, хӯрдани шир боиси дамиши шикам мегардад.

Норасоии лактоза дар организм аксаран ирсӣ мешавад, вале баъзан бемориҳои рӯдаву меъда ва ҷарроҳии рӯда низ ба ин иллат бурда мерасонад. Ногуфта намонад, ки шир баъзе одамонро ба шикамрав гирифтор месозад.

### БА ДИҚҚАТИ ОДАМОНИ КАЛОНСОЛ

Шир асосон ба кӯдакону наврасон фоида дорад. Бо мурури замон истеъмоли онро кам кардан лозим аст. Табибон ба шахсони аз 25 то 35-сола дар як шабонарӯз нӯшидани на зиёдтар аз 3 пиёла ширро тавсия медиҳанд. Пас аз 35-солагӣ 2 пиёла ва баъди 45-солагӣ ҳамагӣ як пиёла шир дар як шабонарӯз кифоя аст.

Бо рафтани синну сол ҳазм намудани шир барои ҷисми инсон душвортар мешавад, вале ин чунин маънӣ надорад, ки одамони калонсол бояд тамоман шир нахӯранд. Ҳамааш ба хусусиятҳои хоси ҷисми инсон вобастагӣ дорад. Шахсоне ҳастанд, ки баъди 60-солагӣ низ ҷисмашон аз лактоза саршор аст ва метавонанд ҳар қадаре, ки мехоҳанд, шир хӯранд. Шумо пас аз нӯшидани шир ягон мушкилиро эҳсос накунед, метавонед дилпурона ҳар саҳар ғизои ширӣ истеъмол намуда, ҷисми худро аз калсий ва дигар моддаҳои муфид шодоб созед.

### ШИР ВА АЛЛЕРГИЯ

Баъзе одамон аз шир аллергия доранд ва баъди хӯрдани хӯрокҳои ширӣ дар баданашон доначаҳо медамад. Дар баъзе ҳолатҳо шир метавонад боиси шиддат гирифтани бемории астма гардад, бинобар ин, ба шахсоне, ки аллергия доранд, маслиҳат медиҳем, ки дар нӯшидани шир ва хӯрдани хӯрокҳои ширӣ эҳтиёт намоед.

### ГУРДАҲОЯТОН САНГ ДОРАНД?

Одамоне, ки гурдаҳояшон санг доранд, хӯрдани шир метавонад боиси хуруҷи бемориашон гардад. Пайдошавии сангҳои фосфати дар гурда ирсӣ буда, мавҷудияти сангро дар гурда бо роҳи ташхиси ултрасадо ва ё супурдани пешоб аниқ кардан мумкин аст.



## 5 ФОИДА ВА 3 ЗАРАРИ ТУРБ

**Турб барои иваз кардани норасоии витаминҳо ва намакҳои минералӣ дар бадан хеле муфид аст. Он хусусиятҳои қавии зиддимикробӣ дорад.**

1. Турб ба системаи ҳозимаи инсон таъсири мусбат мерасонад. Истеъмоли он атеросклероз, варамҳо, дар пайдоиши сангҳо дар роҳҳои пешоб хеле фоиданок аст.

2. Глюкозидҳои талх ва равғанҳои эфирии хушбӯй, ки дар турб ҳаст, сангҳои роҳҳои пешобро майда карда мерезонанд.

3. Турб бронхитро бартараф мекунад! Барои давои бронхит, роҳи нафаси боло турбро бо асал омехта истеъмол мекунанд. Инчунин, шарбати он балғамро хориҷ мекунад.

4. Турб пайдо шудани талхаро зиёд мекунад, фаъолияти ғадудҳои ҳозимаро беҳтар мекунад, хусусияти антисклеротикӣ дорад. Ин хусусияти турб иштиҳоро кушода, атонияи рӯдаро табобат мекунад. 5. Турб ҳарорати баданро фароварда, сардиҳоро, ки аз ҳарорати пешбинишуда ба вуҷуд омадаанд, бартараф мекунад. Дар ин ҳолат ба оби турб камтар намак андохта нӯшидан фоида мебахшад. Инчунин, зидди инфексияҳое, ки ҳароратро мебардоранд, мубориза мебарад.

**Ҳолатҳое, ки истеъмоли турб мумкин нест:**

1. Илтиҳоби шадиди ҷигар, гурда ва баъзе бемориҳои меъдаю рӯда;
2. Дар вақти ҳомилагӣ;
3. Захми меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта.

# ФОИДАИ ҲАВОИ САРД БА САЛОМАТӢ

**Дар ҳавои хунук зуком ва дигар бемориҳои мавсимӣ авҷ мегиранд, вале ҳавои сард ба саломатии инсон манфиат ҳам дорад.**

Вақте ки ҳаво хунук мешавад, системаи муҳофизатии ҷисми инсон, яъне иммунитет ба таври автоматӣ ба мубориза бармехезад. Ҳуҷайраҳое, ки барои муҳофизати ҷисми инсон масъул мебошанд, фаъол гашта, ба муқобили вирус ва инфексияҳо мубориза мебаранд. Дар натиҷа коркарди интерферон дар организм зиёд шуда, системаи муҳофизатии ҷисм - иммунитет пуркувват мешавад. Дар фасли зимистон шифо ёфтан аз бемориҳои сироятӣ осонтар аст. Табибон ба маризоне, ки ба пневмония, туберкулёз, астма ва дигар бемориҳои роҳҳои нафас гирифторанд, бештар дар ҳавои тоза сайругашт карданро тавсия медиҳанд. Албатта ба шарте, ки бемор таби баланд надошта бошад.

Хунукӣ дардро ба зудӣ рафъ намуда, варам ва илтиҳобро кам мекунад. Ҳавои салқин системаи асаби инсонро ором месозад. Олимон исбот намудаанд, ки ҳавои сард ба системаи вегетативии асаб таъсири мусбат мерасонад ва ҳамзамон коркарди ҳормонҳои шодӣ-эндофринҳоро дар организм метезонад.

## Толеънома



**Њамал**
**21.03 - 20.04**

Нафарони муҷаррад имкони пайдо намудани ҷуфти худро доранд. Афроде, ки ба оиладоршавӣ омода нестанд, бештар дар ҷустуҷӯ мешаванду ишқбозӣ мекунанд. Рӯзҳои сешанбе ва чоршанбе пешравӣ дар касбу кор ва беҳтар шудани вазъи молиявӣ дар назар аст.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Аввали ҳафта эҳтимоли бо наздикон мунокишаву моҷаро кардан вуҷуд дорад. Агар қаҳру ғазаби худро нигоҳ дошта натавонед, муносибати худро бо дӯстдошта вайрон месозед.



**Љавзо**
**22.05 - 21.06**

Рӯзи аввали ҳафта бароятон ташвишу мушкили зиёд меорад. Бояд ҳатман аз пайи рафъи мушкилот шавед, дар ҷои кор низ шуморо саросема мекунанд. Рӯзҳои сешанбеву чоршанбе ба эҳсосот дода нашавед, вагарна бо дӯстдоштаи худ моҷаро мекунед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Имкони ба даст овардани пули иловагӣ вуҷуд дорад ва аксарият чунин имкониятро бо камоли майл истифода мебаранд. Дар давоми ҳафта имкони истироҳат карданро намеёбед, вале дар касбу кор муваффақ гашта метавонед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Душанбе рӯзи сермаҳсул меояд, барои тағйироти куллӣ рӯзи созгор аст. Миёнаи ҳафта андаке серташвиш меояд, вале барои барпо намудани тӯйи арӯсӣ ва оғози муносибатҳои ошиқона мусоидат мекунад.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Ҳафтаи хеле бобарор аст. Мушкилоте, ки кайҳо боз роҳи ҳалли худро намеёфтанд, ба осонӣ рафъ мегарданд. Нафароне, ки бахти худро пайдо намудаанд, лаҳзаҳои ширини ошиқонаро аз сар мегузаронанд.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Дар ҷои кор сухан ё амали яке аз ҳамкорон ё мизоҷон боиси асабонӣ шудани шумо мегардад. Баҳсу мунозира роҳи ҳалли кор нест. Дар давоми ҳафта ошиқатонро бо тӯҳфаи гуворо шод мегардонед ё шуморо бо армуғоне шод месозанд.



**Аќраб**
**23.10 - 22.11**

Нимаи аввали ҳафта нуқтаи назари дигаронро қабул карда наметавонед. Ҳама гуна вазъияти рухдодаро бо табассум қабул намоед. Аз тамасхур ё шӯхиҳои ноҷое, ки боиси изтироби шумо мегарданд, худдорӣ намоед.



**Ќавс**
**25.11 - 21.12**

Барои нафароне, ки бо тиҷорату кори савдо машғуланд, ҳафтаи бобарору сермаҳсул аст. Рӯзҳои панҷшанбе ва ҷумъа табъатон болидаву доираи дӯстонатон васеъ мегардад. Нафароне, ки нияти иваз намудани ҷои зисти худро доранд, ташвишашон зиёд мегардад.



**Љаддї**
**22.12 - 20.11**

Давоми ҳафта дар масъалаҳои пулӣ бодиққат бошед, ба фиребу найранг роҳ надиҳед. Миёнаи ҳафта барои тоҷирон ва нафароне, ки мустақилона кор мекунанд, бобарор меояд. Аз мушкилоти ба сари наздиконатон омада бохабар шуда, табъатон хира мегардад.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Аввали ҳафта дар тамоми ҷабҳаҳои зиндагӣ мушкилӣ эҳсос мегардад. Кӯшиш намоед, ки дар ҷои кору хона мунокиша сар назанад. Саросемавор сари қароре омаданро тавсия намедиҳем. Рӯзҳои истироҳат бо нафаре мунокиша карданатон эҳтимол дорад.



**Њут**
**20.02 - 20.03**

Рӯзи душанбе тағйиротҳои калонро интизор нашавед. Миёнаи ҳафта ба мушкиливу душвориҳои дар ҳаётатон сарзада омода бошед. Барои нафароне, ки нав бахти худро ёфтаанд, давраи ҳасос фаро мерасад, ба хислату одатҳои якдигар одат карданатон душвор аст.

# БА ДОНИШ ГАРОЮ БАД-Ӯ ШАВ БАЛАНД

**(Аввалаш дар саҳ..6)**

Натиҷамандии чунин ҳамкорӣ ва таносубро дар эътимоднокии ҳимояи қаламрав ва манфиатҳои кишварҳои гуногун, алалхусус дар Шарқи Наздик, дар алоқамандӣ бо захираҳои инсонӣ ва табиии тарафҳои даргир ҳамарӯза мебинем. Адиб муҳиммияти вобастагии дучонибаи илм ва дифои мамлакатро бо дарки тахассусмандона ва абзори шоирона дар шакли зер қаламдод кардааст:

*Ки дониш ба шаб посбони ман аст,*
*Хирад тоҷи бедори ҷони ман аст.*

Муллифи «Қуръони Аҷам», ин абармарди порсӣ, ки дар масъалаи ҳимояи манфиатҳои Ватан бо тору пуди танида рӯзгор мебурд, муътақид буд: кишвар ҳамон вақт дар оромиву осудагӣ ва рушду тараққӣ зиндагӣ мекунад, ки ҷомеа аз нури илму маърифат, вожаномаҳои хирад, ҷаҳонбинӣ ва маънавиёти бозпаснигаривуояндабинӣ, ҳикмату ибрати таърих огаҳии эътиқодмандона ва хулосабарангез дошта бошад. Аз ҷумла, шоир ба ҳамватанони хеш омирона муроҷиат мекунад:

*Нигаҳ кун ба ҷойе, ки дониш бувад,*
*Зи дониш кишвар ба ромиш бувад.*

Андешаи ғолиб он аст, ки адабиёти тоҷику форс дар мавзуи алоқаи ногусастании донишу хирад, аз пешсафони адабиёти ҷаҳон аст.

Дар маҷмуи хосияти семантикӣ ва полисемии истилоҳи хирад, аз ҷумла, мантиқи дараҷаи баланди дониш, маърифатнокӣ, фарҳангсолорӣ, ахлоқу маънавиёти шоиста баҳри рӯзгори неки ҷомеа, ангезаи эътиқодмандонаи накукорӣ, таҷрибаи бойи рӯзгор, фасеҳгуфторӣ, балоғатсолорӣ ва монанди инҳо дар назар дошта мешаванд. Фирдавсӣ нисбат ба ин сифат ва дараҷаи олии нишони маънавиёти инсонӣ дидгоҳи мушаххас дорад. Онро дар алоқамандӣ, пайвастагӣ ва вобастагӣ бо дониш мешуморад. Яъне бидуни илму дониш, хирад, ки бештар ҷанбаи маънавӣ дорад, сифати нокомил аст ва баръакс. Ҳакими маъниофарин ҳушмандона, бо дарки масъулият ин ду хислатро чун гӯшту нохун тафсир мекунад. Ба он ҷанбаи муайянкунандагӣ, меъёрӣ ва арзишманд мебахшад:

*Хирад об асту дониш замин,*
*Бидон, к-ин ҷудо в-он ҷудо нест аз ин.*

Моргентау, яке аз асосгузорони илми муносиботи байналмилал дар замони нав, аз нуҳ афзалияти бузурге, ки онро «неруи миллӣ» ном мебарад, дар баробари қаламрав, мавқеи ҷуғрофӣ, канданиҳои фоиданок, воситаҳои истеҳсолии мамлакат ва ғайра, дараҷаи касбияти дипломатӣ - сифати мутахассиси пешбарандаи сиёсати хориҷиро низ дар қатори онҳо ёдовар мешавад. Абулқосими Фирдавсӣ ҳанӯз ҳазор сол қабл ин масъаларо мадди назар гирифта, нисбат ба он ишораҳои қобили таваҷҷуҳи маҳз кардааст:

*Фиристода гуфт: он ки доно бувад,*
*Ҳамеша бузургу тавоно бувад.*
*Ё:*
*Фиристода бояд, ки доно бувад,*
*Ба гуфтан далеру тавоно бувад.*

Дар ин росто, месазад бори дигар хотирнишон кард, гарчанде дар назарияи дониш ва гносеология кулли адабиёти бадеӣ ва сиёсии Ғарб таъбири *«Knoledge is power» («Дониш неру аст»)*-ро мансуби олими англис Френсис Бекон (асри XVI) медонанд, Абулқосими Фирдавсӣ садсолаҳо пеш аз ӯ, бо ҷумлаи пайрави шарт *(вобастагӣ, пайвастагӣ)* ва пуркунанда *(мансуб ба субъекти мавриди назар)* бузургии фиристодаро тавзеҳ медиҳад. Сифати шахсияти марбут ба иҷрои вазифаҳои давлатиро дар хориҷи мамлакат, ба донишу маърифати ӯ марбут медонад. **Иммануэл Кант дар масъалаи илм ва зарурати тадқиқоти илмӣ таъкид ба амал меорад, ки ниёз аз қалам гирифтан, таҳқиқ кардан бояд қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоии ҷомеа бошад. Дар дигар ҳолат, он амали худкомае беш нест.**

Чунин зарурат ба ҳама гуна жанрҳои бадеӣ, бидуни қайду шарт, дахл дорад. Дар «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ байте омадааст, ки аҳаммияти он дар ҳазор соли гузашта ва имрӯз ҳам, чун зарурати ҳаётии Офтоб ба Замин садо медиҳад:

*Чу фарзанд бошад, ба фарҳанг дор,*
*Замона зи бозӣ бар-ӯ танг дор.*

## АНДАР МАЗАММАТИ БЕДОНИШӢ

Мутафаккирони бузурги тоҷик дар ҳар даври замон ба танқид ва маҳкум кардани бедонишӣ он қадар кӯшидаанд, ки он гоҳо баробарвазн ё зиёдтар аз тавсифи донишандӯзӣ ва донишмандӣ аст. Дар ин маврид, аз сахттарин сифот ва бадтарин тавзеҳот нисбат ба бесаводӣ, нодонӣ, ҳамзамон, камҳавсалагӣ дар баробари азхуд кардани дониш истифода кардаанд.

Барои мисол, Асадии Тӯсӣ ба чунин хулоса омадааст:

*Ба дониш андар ҷаҳон ҳеҷ нест,*
*Тани мурдаву ҷони нодон якест.*

Фирдавсӣ бо ин бузургиву солорӣ ва таҳаммулпазирӣ, дӯстӣ варзиданро бо ашхосе, ки аз илму маърифат баҳравар нестанд, нохушоянд ва ғайри қобили қабул мешуморад:

*Чӣ нохуш бувад дӯстӣ бо касе,*
*Ки моя надорад зи дониш басе.*

Дар ҷойи дигар донишманди **Тӯс душмании шахси доноро аз дӯстии ҷавонмарди нодон афзалтар медонад:**

*Чу доно туро душмани ҷон бувад,*
*Беҳ аз дӯстмарде, ки нодон бувад.*

Хосияти фарқкунандаи инсон эътибор пайдо намудан дар назди ҷомеа аст. Бо ин афзалият, шахс метавонад ба афкор, рафтор ва фаъолияти одамон таъсиргузор бошад.

Фирдавсӣ маҳз донишро омили соҳиби обрӯй ва манзалат гаштани одам ҳисобида, ҳамзамон, фосилагириро аз бедонишӣ аз фазилатҳои инсони комил шумоaccording:

*Ба дониш бувад мардро обрӯй,*
*Ба бедонишӣ, то тавонӣ, мапӯй.*

Абулқосими Фирдавсӣ чун бузургтарин ҳамосасарои бани Одам, ҷонбахшандаи ҳазорон паҳлавони порсӣ, нигоранда ва вассофи қаҳрамонзанони эронзамин нисбат ба бедонишони заифи фурӯмоя ба ҳеҷ ваҷҳ назари манфии худро пинҳон карда наметавонад. Бадтарин сифатҳои одамӣ, аз қабили суханчиниву чорагариро сабаби бедонишиву беҳунарӣ ва воситаи рӯзгузаронии пастфитратон мешуморад. Онҳоро қотеона зери тозиёнаи танқиду мазаммат қарор медиҳад. Чунин падидаҳоро маҳкум месозад. Бо таъкид ба нафарони солор маслиҳат медиҳад, ки аз тамос ва ҳамнишинӣ бо чунин афрод худдорӣ намоянд. Ҳушдор медиҳад, ки нишаст бо мардуми фурӯмояву бадгуҳар, суханчину музтар ва дар амри муфид нотавонгар, ба ҷуз бадӣ чизи дигареро интизор шудан мумкин нест:

*Суханчину бедонишу чорагар,*
*Нашояд, ки ёбанд пешат гузар.*
*Зи нодон наёбӣ ба ҷуз бадтарӣ,*
*Нигар, то ба бедонишон нангарӣ.*

Ин ҳикмати ҷовидона ба гуфтаи Аристотел, ки баъдан олимони дигар бо сад забон онро такрор кардаанд, мувофиқ меояд: **«Одами бесавод берун аз сиёсат аст. Аввалан ӯро ҳарф бояд омӯхт. Бидуни он сиёсат вуҷуд дошта наметавонад. Бидуни он метавонанд овозаҳо, бадгӯйиҳо, афсонаҳо ва хурофот вуҷуд дошта бошад. Аммо на сиёсат».** Сарлашкар ва мутафаккири қадими чинӣ Сун Цзи, ки бо эҷодиёти фалсафиаш машҳури олам гаштааст, дар ин радиф таъкид ба амал овардааст: **«Дониш он аст, ки ҳақиқатро тасдиқ ва дурӯғро маҳкум мекунад. Ва баръакс. Бесаводӣ он аст, ки дурӯғро тасдиқ ва ҳақиқатро маҳкум месозад».** Донишмандон ва мутафаккирон бо далел, асоснок, эътиқодмандона ва фаҳмо сухан гуфтанро намуна ва василаи илмомӯзӣ шуморидаанд. Аз худ кардани ҳақиқати илмиро заҳмати пурқимати навъи «хуни ҷигар хӯрдан» номидаанд. Бо ин, «санҷида сухан гуфтан»-ро бо беҳудагӯйӣ дар муқоиса гузоштаанд. Чунончӣ, Фирдавсӣ дар навъи пиндор ва сифати гуфтор мутафаккири сахтгир ва қотеъ будани худро бори дигар таъкид месозад:

*Чу гӯйӣ ҳамон гӯй, ки омӯхтӣ,*
*Ба омӯхтан дар ҷигар сӯхтӣ.*

Мазаммати бедонишӣ аз арзиш ва таъбирҳои маъмули умумибашарӣ маҳсуб мегардад. Барои мисол, Буддо дар як ҳикматаш гӯяд: **«Доно ҳаргиз намирад. Нодон ҳамакнун мурдааст».**

Айни чунин тафсир ва қиёс марбути қалами Фирдавсӣ низ ҳаст:

*Тани мурда чун марди бедониш аст,*
*Ки нодон ба ҳар ҷой беромиш аст.*

Нисбат ба шахсе, ки имкони дониш омӯхтан, комил гардонидани манзалати илму маърифат ва ҷаҳонбинии хешро дорад, аммо аз он сар мепечад, майл бар коҳиливу нотавонбинӣ ихтиёр мекунад, Фирдавсӣ - бузургдорандаи таърихи Аҷам мефармояд:

*Тани марди нодон зи гил хортар,*
*Ба ҳар некуйӣ носазовортар.*

Фирдавсӣ шахси бедонишро бо ҳазор сифат тафсири нохушоянд мекунад. Хулосаи худро бо афсӯсу ҳасрат нисбат ба чунин ашхос эълон менамояд ва ҳамзамон, ҳушдор медиҳад:

*Чунин гуфт дастури бо фарру зеб,*
*Ки бедониш сабуктар пазирад фиреб.*

Аммо муаллифи «Қуръони Аҷам», оне ки «рутбаи пайғамбарӣ ӯрост» *(таъбирҳои Малликушшуаро Баҳор)* - Фирдавсии Тӯсӣ ҳамчун ягона роҳи халосӣ аз раҳгумӣ, мардумро ба омӯхтани илму адаб даъват мекунад ва афрӯхтани ҷони башарро натиҷаи баҳраварӣ аз донишу маърифат мешуморад:

*Ҳама гӯш доред панди маро,*
*Сухан гуфтани судманди маро:*
*Замоне маёсой аз омӯхтан,*
*Агар ҷон ҳамехоҳӣ афрӯхтан!*

## ХУЛОСА

Он зуҳуроте, ки расидан ба моҳияти табиат, ҷамъият ва тафаккур, фаҳми дирӯз, дарки имрӯз ва пешгӯйии дақиқи фардо аз он вобаста аст, илму дониш мебошад.

Дар ин маънӣ Шаҳидии Балхӣ фармуда:

*Донишо, чун дареғам ой аз он-к,*
*Бебаҳоӣ, валекин аз ту баҳост.*

Яъне ченаки ягонаи зиндагии Инсон аз назари қимат ва шоистасолорӣ, арзишмандӣ, мояварии ахлоқӣ, маъмурияту масъулиятшиносӣ дар масъалаи хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, донистани он, ки ҷаҳон **«Сар ба сар ибрату ҳикмат аст»,** дар алоқамандӣ ва вобастагӣ ба дараҷаи донишу маърифат мебошад. Дониш шарти аслии такомули инсон, суботи ҷомеа, замонати обрӯ, рушди миллат ва бақои давлат аст. Бузургии илму маърифат баробар аст бо бузургии Ватан.

**С. ЯТИМОВ**

## МАВЛУДНОМА

**21 НОЯБР**

**Ғафур Аҳрорӣ** (1919-1972), 105-солагии зодрӯзи журналист.

**Пӯлод Бобокалонов** (1899-1957), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Умар Ҳофиз** (1844-1927), 170-солагии зодрӯзи сароянда, оҳангсоз, мутриб.

**Абумуҳаммади Рӯзбеҳ** (1129-1213), 895-солагии зодрӯзи шоир ва мутафаккири форс-тоҷик.

**Эркин Кароматуллоев** (1939), 85-солагии профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**22 НОЯБР**

**Мулло Музтариб** (1814-1897), 170-солагии зодрӯзи шоир.

**Елена Тикачук** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Владимир Чайка** (1919-1989), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Низомиддини Шамсиён** (1954), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**23 НОЯБР**

**Баҳодур Қориев** (1954), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Соҳиб Табаров** (1924), 100-солагии зодрӯзи адабиётшинос ва мунаққид, узви вобастаи АМИТ, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Анварҷон Шукуров** (1939-1992), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

**Абдулҳасан Ҷаҳонгир** (1589-1631), 435-солагии зодрӯзи рассоми форс-тоҷик.

**24 НОЯБР**

**Сӯҳроб Ашӯров** (1939), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи география.

**Одина Ғуломов** (1939-2010), 85-солагии зодрӯзи ҷомеашинос, профессор.

Н**азира Қаҳҳорова** (1939-1984), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос, ровӣ.

**Пажмони Бахтиёрӣ** (1899-1972), 125-солагии зодрӯзи шоир ва адабиётшиноси эронӣ.

**25 НОЯБР**

**Фармон Давлатов** (1964), 60-солагии зодрӯзи журналист.

**Достӣ Орзуев** (1934-1984), 90-солагии зодрӯзи оҳангсоз, мутриб.

**Исмонҷон Юсуфов** (1949), 75-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Маҳмуди Ҳаким** (1819-1858), 205-солагии зодрӯзи шоири эронӣ.

**26 НОЯБР**

**Бобомурод Ғафуров** (1964), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

**Пётр Вернидуб** (1914-1944), 100-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

**Эгамназари Соҳибназар** (1949), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

**Пол Верлен** (1844-1968), 180-солагии зодрӯзи шоири фаронсавӣ, мутарҷими осори адибони классикии форс-тоҷик.

**27 НОЯБР**

**Муллорозиқ Бобоҷонов** (1894-1968), 130-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Солиҷон Қазоқов** (1924), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Абдулаҳад Қурбонов** (1964), 60-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод.

**Ҷамолиддини Афғонӣ** (1839-1897), 185-солагии зодрӯзи шоири афғон ва арбоби ҷамъиятии Афғонистон.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11 Т-АБ №074328 ба номи Крюков Максим Игоревич, ки соли таҳсили 1998-1999 аз ҷониби МТМУ №32-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Илҳомҷони Тиллозода, РМА: 225203604, ки санаи 08.10.2021 аз Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Исматов Зубайдулло Нуруллоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Қазоқон 49, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ба номи Алохонов Нуррали, РЯМ: 3330013115, РМА: 335102359, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Мақбулшоев Султоншо Акбаршоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, 4-ум гузаргоҳи кӯчаи С. Айнӣ, хонаи 4/2, ҳ. 16, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маъюбӣ ба номи Курбанов Ҳасан Маҳмадуллоевич, ки соли 2023 аз ҷониби ФТЭК дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТС №0030297, рақами қайд 5448, ба номи Шарипов Шомурод Шахобиддинович, ки санаи 21.01.2002 аз ҷониби ДДОТ ба номи С. Айнӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи маъюбӣ таҳти серияи ВТЭ-1 №015463 ба номи Суфиева Сафармо Давлатовна, ки соли 2004 аз ВТЭК-и ҷумҳуриявӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти СИ Юнусов Анварҷон, РЯМ: 0730221736, РМА: 076667126, аз санаи 18.03.2022, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0143025, рақами қайд №573/13, ба номи Нормаатова Зебуннисо Гауҳарбековна, ки соли 2012 аз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, ШТ №0007899 ва талони техникӣ, ТТ №005380, экскаватори Хундай R210W-9, рақами заводиаш 921W91214, ки санаи 01.02.2011 аз ҷониби БНД-ТК ВК ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ, №107, ба номи Қурбонов Худойдод, ки соли 2024 аз ҷониби Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ба номи С. Раҳимов дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Раҳимов Саидаброр Асоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Борбад, б 26, ҳуҷраи 23, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбии ЧТ, №0042413, ба номи Абидов Алишер Юсуфович, ки санаи 30.07.2019 аз ҷониби Комиссариати ҳарбии ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Ҷураев Нормурод, РЯМ: 0730133104, РМА: 165038856, ки 11.05.2016 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари гумшудаи ҳавлӣ ба номи Хомидов Аслиддин Маизович бо суроғаи кӯчаи Шерализода 8, ҳуҷраи 16 бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Усманова Мастурахон, РЯМ: 0730082495, РМА: 075522872, ки санаи 24.06.2013 аз ҷониби Нозироти андози шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти СИ Юнусов Анварҷон, РЯМ: 0730219930, РМА: 076284084, аз санаи 18.01.2022, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ, 37/24, ба номи Олимов Мустафо Иброгимҷонович, ки соли 2024 аз ДТҲТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА, №1081369, ба номи Солиев Шерзод Сафарович, ки соли таҳсили 2019-2020 аз ҷониби МТМУ №101-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Санҷар Сохтмон", РМА: 070018318, аз санаи 27.08.2022 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Азим Сохтмон", РЯМ: 0710010428, РМА: 070017383, аз 05.02.2020 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Музаффар", РЯМ: 0710004680, РМА: 070002197, аз 15.02.2016 дар шаҳри Турсунзода барҳам мехӯрад. Арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

# ТОҶИК - КАШШОФИ ҚОНУНИ ШИКАСТИ РӮШНОӢ

**Ҳар касе, ки дар мактаб фанни физика омӯхтааст, қонуни шикасти рӯшноиро хондааст, ки бо номи "Қонуни Снеллиус" машҳур аст. Виллеброд Снел, ки ин қонун ба номи ӯст, физики нидерландӣ буда, солҳои 1580-1626 зиндагӣ ва ин қонунро соли 1621 кашф кардааст. Вале ин натиҷаро ӯ дар ягон ҷой нашр накарда, аз дунё мегузарад.**



Файласуф ва табиатшиноси машҳур Рене Декарт дар соли 1637 ин қонунро аз сар кашф мекунад ва дар рисолаи "Мулоҳизаҳо дар бораи равиш" (Discourse on the Method of Rightly Conducting One's Reason and of Seeking Truth in the Sciences) меорад.

Вале таҳқиқоти солҳои охир нишон доданд, ки ин қонунро хеле пештар аз Снел, аниқтараш 637 сол пештар риёзидон ва табиатшиноси тоҷик Абӯ Саъд ал-Аълои Ибни Сахл дар китобаш «Фи-л-мухриқа» кашф карда, шарҳ додааст.

Дар ин бора бори аввал муҳаққиқи мисрӣ Рушдӣ Рошид дар мақолаи "A pioneer in anaclastics: Ibn Sahl on burning mirrors and lenses", ки дар шумораи 3-и маҷаллаи бонуфузи Isis, ки аз тарафи Донишгоҳи Чикаго ва Ҷамъияти таърихи илм интишор меёбад, дар соли 1990 маълумот додааст [Rashed R. A pioneer in anaclastics: Ibn Sahl on burning mirrors and lenses //Isis.- 1990.- V. 81.- №. 3.- Pp. 464-491.]. Маҷаллаи илмии Isis соли 1913 аз тарафи донишманди шинохта Ҷорҷ Сартон таъсис ёфта, дар он масъалаҳои мухими таърихи илм, таърихи тиб ва таърихи технология баррасӣ мегарданд. Рушдӣ Рошид ду дастнависи Ибни Сахлро, ки яке дар Теҳрон («Китобу-л-харакот», Millī MS 867, 51 fols) ва дигаре дар Димишқ («Фи-л-мухриқа», al- āhirīya MS 4871, 3 fols) ниғоҳдорӣ мешаванд, омӯхта, ба хулосаи боло расидааст.

Ибни Сахл донишманди барҷаста, вале дар доираҳои илмии Тоҷикистон ношинос буда, солҳои 940-1000 зиста, дар дарбори Оли Бӯя дар Бағдод фаъолият кардааст. Дар бораи ӯ маълумот хеле кам буда, ҳаминаш аниқ аст, ки аввалин мусалмоне мебошад, ки китоби "Оптика"-и Батламиюс (Птоломей)-ро омӯхта, ба пажӯҳиши оинаҳои барҷаставу фурӯхамида ва линзаҳо машғул будааст. Ӯ дар асараш «Фи-л-мухриқа» қонуни шикасти рӯшноиро кашф карда, онро барои конунбандӣ кардани рӯшноӣ тавассути линзаҳои нокуравӣ истифода кардааст.

Дар идомаи асараш Ибни Сахл дар бораи оинаҳои параболӣ, эллипсоидӣ ва линзаҳои дутарафа барҷаста ва усулҳои тасвири камонҳои ҳиперболӣ навиштааст. Ӯ линзаҳои барҷастаеро сохтааст, ки нурҳои параллелӣ афтандаро дар як нуқта ҷамъ оварда, ашёро дар масофаи муайян сӯзонида метавонистанд.

Осори Ибни Сахл ба Ибни Ҳайсам, ки чун "падари оптика" шинохта шудааст, таъсири бузург расонида, барои эҷоди «Китоб-ул-манозир» («Оптика») боис мегардад.

Ин дастовардҳои Ибни Сахлро ба назар гирифта, солҳои охир муҳаққиқон қонуни шикасти рӯшноиро чун "Қонуни Ибни Сахл" (ibn-Sahl law) ном мебаранд. Ин маълумот хатто дар википедияҳои забонҳои ҷаҳонӣ дарҷ гардидааст.

Миллати мо ингуна дастовардҳои муҳим ва таърихӣ хеле зиёд дорад, вале онҳо дар китобҳои дарсӣ дарҷ нашудаанд ва толибилмони мо аз вуҷуди онҳо умуман хабар надоранд. Муаллифони китобҳои дарсӣ, махсусан риёзиву физикаву астрономия, химияву биологияро зарур аст, ки дар ҳар мавзуъ аз дастоварду сахми гузаштагони мо маълумот диҳанд. Дар олимпиадаву озмунҳои ҷумҳуриявӣ низ доир ба онҳо пурсанд ва вобаста ба пажӯҳиши ин бузургон саволу масъалаҳо тартиб диҳанд.

**Ризои БАҲРОМЗОД,**
**ахтаршинос**

БОКС

# БАҲОДУР УСМОНОВ ДАР IBA KUNLUN FIGHT WORLD CUP 20 000 ДОЛЛАР ГИРИФТ

**Муштзани маъруфи тоҷик Баҳодур Усмонов рӯзи 16-уми ноябр дар мусобиқаи IBA Kunlun Fight World Cup дар Пекин ба ринг баромад.**



Баҳодур Усмонов, иштирокчии Бозиҳои олимпии Токио-2020 ва Париж-2024 (PRO: 9-0, 3 KO; IBA: 2-0) дар вазни то 63,5 кг дар марҳилаи чаҳорякниҳоӣ бо муштзани чинӣ, собиқ қаҳрамони Осиё дар WBC Ванг ЛеКуан (PRO: 8-3, 5 KO; IBA: 0-1) нерусанҷӣ кард.

Рақобати муштзанон 6 раунд идома кард ва бо қарори якдилонаи доварон пирӯзӣ ба муштзани тоҷик Баҳодур Усмонов дода шуд. Баҳодур пас аз пирӯзӣ ба даври нимниҳоии мусобиқа роҳ ёфта, ҳамчунин 20 000 доллари амрикоӣ низ дарёфт кард.

Ёдовар мешавем, ки дар вазни то 63,5 кг, ба ҷуз Баҳодур, Софян Умия, ки се бор чемпиони ҷаҳон шудааст, ҳамчунин, чемпиони Бозиҳои олимпӣ Эрисланди Алварес, барандаи Ҷоми Аврупо Габил Мамедов ва дигарон низ ширкат доранд.

ФУТБОЛ

# НАТИҶАИ ДАСТАИ МУНТАХАБ: ПИРӮЗӢ БАР НЕПАЛ ВА АФҒОНИСТОН

**Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон бо роҳбарии мутахассиси гурҷӣ Гела Шекиладзе дар рӯзҳои ноябри FIFA ду бозии дӯстонаи санҷишӣ анҷом дод, ки дар ҳарду пирӯз шуд.**



Футболбозони тоҷик дар бозии якум бо дилпурӣ бар яке аз дастаҳои заифи Осиё - дастаи мунтахаби Непал бо ҳисоби бузурги 4:0 ғолиб омаданд. Дар ин бозӣ Шервонӣ Маббатшоев ва Алишер Ҷалилов дуголӣ заданд.

Дар бозии дуюм шогирдони Шекиладзе бо футболбозони Афғонистон, ки акнун онҳоро сармураббии собиқи дастаи мунтахаби Тоҷикистон Усмон Тошеви бухороӣ роҳбарӣ мекунад, бозӣ карданд. Ин воҳӯрӣ бо ҳисоби 3:1 ба охир расид. Голҳоро Амирбек Ҷӯраебов, Шаҳром Самиев ва Рустам Соиров заданд. Дар ин бозӣ дастаи Тоҷикистон аз дақиқаи 39-ум бо ҳайати камтар бозӣ кард, зеро дарвозабон Рустам Ятимов барои рафтори ғайриварзишӣ корти сурх гирифт ва аз майдон ронда шуд.

Дастаи Непал низ дар ин байн дар Душанбе бо дастаи мунтахаби Афғонистон як бозии дӯстона бургузор кард, ки бо ҳисоби 2:0 комёб гардид.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо ҳамин бозиҳояшро дар соли 2024 ба охир расонд ва то моҳи марти соли 2025 ҳеҷ бозие надорад. Дар рӯзҳои мартии FIFA футболбозони тоҷик дар доираи даври сеюми интихоби Ҷоми Осиё-2027 бозӣ хоҳанд кард. Қуръакашии ин мусобиқа 9-уми декабр баргузор мешавад. Дастаи Тоҷикистон дар сабади якум бо дастаҳои Сурия, Тайланд, Лубнон, Вйетнам ва Ҳиндустон қарор дорад.

КУШТӢ

# ҒОЛИБОНИ МУСОБИҚА БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ САИДМУЪМИН РАҲИМОВ

**Дар Душанбе бахшида ба Рӯзи Президент мусобиқаи ҷумҳуриявии куштӣ миёни калонсолон барои дарёфти ҷоизаи ҷаҳонпаҳлавон Саидмуъмин Раҳимов баргузор гардид. Дар ин мусобиқа 400 варзишгар аз тамоми манотиқи кишвар ширкат карданд.**



Рақобтаҳо дар 7 вазн байни писарон дар вазнҳои 60, 65, 71, 78, 86, 95 ва беш аз 95 кг ва миёни бонувон дар 3 вазн - 52, 63 ва 78 кг баргузор гардид. 40 паҳлавон ба дарёфти зинаҳои ифтихорӣ мушарраф шуда, барои иштирок дар мусобиқаи дуюми байналмилалии куштӣ барои дарёфти Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки даҳаи аввали моҳи декабр дар вилояти Суғд баргузор мешавад, роҳхат гирифтанд.

Миёни мардон дар вазни 60 кг Азизов Рамзиддин, Идибеки Амиршо, Мирзошоев Фарорум, Абдураҳимов Абдусаттор; вазни 65 кг Мелибойзода Фирӯз, Бобокалонов Ёсин, Каримов Муслимбек, Қаюмзода Абумуслим; вазни 71 кг Раҷабов Муҳаммадисо, Куганов Хурсандкул, Абдушукуров Сарвар, Суфиев Баҳром; вазни 78 кг Начмиддинов Махмадшариф, Каримзод Наврӯз, Шукронов Қоим, Акрамзода Шаҳриёр; вазни 86 кг Назаров Ҳақназар, Фарҳодов Раҳматуллобек, Раҷабов Ҳамроз, Иброни Бегиҷон; вазни 95 кг Раҳимов Исроил, Нуриддинзода Ворис, Раҳимов Улуғбек, Олимшоев Зафар; вазни + 95 кг Мирмахмадов Шакармамад, Некбахтзода Некрӯз, Бобохонов Бахтовар, Камолов Эмом ҷойҳои ифтихориро соҳиб шуданд.

Миёни бонувон дар вазни 52 кг Аҳлия Муъминова, Насиба Карликова, Рӯзафзун Бекназарова, Шарофат Гадоева; вазни 63 кг Ҷонона Назарова, Фазилат Гулбоева, Меҳрона Абдуллоева, Шамсия Хусейнова; вазни 78 кг Шоҳида Қаландарова, Оминаи Хайрулло, Шаҳноза Муродова, Гулафзо Гулова ғолиб омаданд.

БОЗИИ ДӮСТОНА

# ДУ ШИКАСТИ ФУТБОЛБОЗОНИ ҶАВОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ҲАМСОЛОНИ АРАБАШОН



Дар доираи ҷамъомади тамринӣ дар АМА дастаҳои мунтахаби олимпии футболи Тоҷикистон (U-23) ва Аморати Муттаҳидаи Араб (U-23) ду воҳӯрии дӯстона баргузор карданд, ки бо бартарии мизбонҳо ба охир расиданд.

Дастаҳо 15-уми ноябр дар варзишгоҳи «Эмирейтс»-и Рас-ал-Хайма бозии дӯстонаи якумро баргузор карданд, ки бо ҳисоби 3:0 ба фоидаи тими Аморати Муттаҳидаи Араб анҷом ёфта буд. Баъд аз 3 рӯз, 18-уми ноябр дар ҳамин варзишгоҳи «Эмирейтс» бозии дуюми дӯстона миёни ин дастаҳо баргузор гардид, ки боз ҳам бо ҳисоби 3:0 ба фоидаи дастаи олимпии АМА анҷом ёфт.

Ба ҷамъомади тамринӣ дар АМА ба ҳайати тими мунтахаби Тоҷикистон 24 бозигар даъват шудаанд. Содиқҷон Қурбонов, Амадонӣ Камолов, Азизбек Ҳайитов ва Далер Шарифов, ки метавонанд дар ҳайати дастаи мунтахаби олимпии кишвар дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 (U-23) иштирок кунанд, дар ихтиёри тими миллии Тоҷикистон дар Душанбе қарор доранд.

## РЕЗААХБОР



Ҳамаи дастаҳои марҳилаи плей-оффи Лигаи миллатҳои UEFA дар мавсими 2024/25 маълум шуданд. Пас аз натиҷагирии марҳилаи гурӯҳӣ аз Лигаи А Португалия ва Хорватия (гурӯҳи 1), Фаронса ва Италия (гурӯҳи 2), Олмон ва Нидерланд (гурӯҳи 3), Испания ва Дания (гурӯҳи 4) ба даври чорякниҳоӣ роҳ ёфтанд. Қуръакашии марҳилаи баъдӣ 22-юми ноябр баргузор мешавад. Бозиҳои марҳилаи чаҳорякниҳоӣ рӯзҳои 20-25-уми март баргузор мешаванд.

***

Дар воҳӯриҳои марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар қитъаи Осиё воҳӯриҳои навбатӣ баргузор шуданд. Эрон дар сафар Қирғизистонро мағлуб (3:2) кард, Ӯзбекистон бар Куриёи Шимолӣ пирӯз (1:0) шуд. Аморати Араб ба дарвозаи Қатар 5 голи беҷавоб зад. Куриёи Ҷанубӣ бо Фаластин (1:1) ва Австралия бо Баҳрайн мусовӣ (2:2) бозӣ карданд. Ҷопон бар Чин бо ҳисоби 3:1 ғолиб омад. Индонезия Арабистони Саудиро шикаст (2:0) дод.

***

Узви дастаи мунтахаби куштии юнону румии Тоҷикистон Асламҷон Азизов дар мусобиқаи байналмилалии куштии юнону румӣ барои ҷоизаи губернатори Ямал (Русия) соҳиби медали тило гардид. Ин мусобиқа рӯзҳои 16-17-уми ноябри соли 2024 дар шаҳри Тарко-Сале бо иштироки 120 варзишгар аз Тоҷикистон, Арманистон, Беларус, Озарбойҷон, Қирғизистон ва 20 субъекти Федератсияи Русия баргузор гардид.

***

Размикори тоҷик Лоиқ Раҷабов, ки дар UFC «Танки тоҷик» номида мешавад, шартномаашро бо ин ташкилот барои чаҳор набарди дигар тамдид кард. Интизор меравад, ки вай дар соли 2025 дар UFC муборизаи нав баргузор карда, инчунин ба вазни дигар -77 кг мегузарад. Ба гуфтаи худи размикор вай метавонист муборизаро дар лигаи PFL давом диҳад ва ҳам ACA маблағи бештаре ваъда кардааст.




## ХАРОБУ ФАРБЕҲ

Ҷавоне аз падараш мепурсад:

- Дада, чаро очаам солҳои пеш хароб буданду ҳоло фарбеҳанд?

Падар дар ҷавоб:

- Бачем, ҳамаи занҳо ҳамин хеланд. То тӯяшон харобанд, то ки ба хонаи шавҳар даромадан барояшон осон бошад. Баъди тӯй фарбеҳ мешаванд, то ки аз дар берун карданашон душвор шавад.

## ФАРҚИЯТ

Писаре аз падараш мепурсад:

- Падар, фарқият байни зану мард дар чист?

Падар дар ҷавоб:

- Пойҳои ман андозаи 44-умро доранд ва андозаи пойҳои модарат 37-ум аст. Фарқияти зану мард дар байни ана ҳамин пойҳо аст!

## САВОЛ

Марде аз домулло мепурсад:

- Салом алейкум домуллои гиромӣ! Ба шумо як савол доштам.

Домулло дар ҷавоб:

- Марҳамат, саволатонро диҳед.

Мард мегӯяд:

- Домуллои мӯҳтарам, зане, ки рӯзи дароз дар интернет 10 соат вақти худро гузаронида, тарзи пухтани хӯрокро меомӯзаду барои хӯроки шом ҳатто тухмбирён пухта наметавонад, чӣ ҳукм дорад? Оё чунин занро бо тоба задан иҷозат аст?

Домулло мегӯяд:

- Албатта! Беҳтараш бо тобаи тафсон занед!

## ШАВҲАРИ “МЕҲРУБОН”

Зану шавҳаре ҳамроҳ ба пойтахти Исроил - шаҳри Иерусалим мераванд. Ҳамсари мард ногаҳон дар он ҷо вафот мекунад. Коҳин ба мард мегӯяд:

- Равон кардани ҷасади ҳамсаратон ба хона 10 ҳазор доллар арзиш дорад. Агар ӯро дар ин ҷо дафн кунед, арзишаш ҳамагӣ 100 доллар хоҳад буд.

- Ҷасади ҳамсарамро ба хона мебарам,- мегӯяд мард.

Коҳин:

- Харҷи калон чӣ лозим аст?

Марди азодор:

- Охир, Исои Масеҳро дар ин ҷо дафн карданд ва ӯ баъди се рӯз дубора зинда шуд. Намехоҳам, ки бо зани ман ҳам ин ҳодиса рӯй диҳад.

## ТОЛОРИ ХОЛӢ

Аз ҳунарманде пурсиданд:

- Чаро ҳамеша нақши нафарони нобиноро мебозед?

Ҳунарманд мегӯяд:

- Намехоҳам толори холиро бубинам.

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**

# АЗ СИЛСИЛАИ “ПАЙКОРИ МӮРОН”

Бевазан низ ситораро монад, вале бевазани бачадор ситораи думдорро.

***

Китоби “Анатомияи одам”-ро хонда, занамро бехтар шинохтам.

***

Кайфи сӯзандору, ҳамеша бо ҷои нарм сарукор дорад.

***

Бо санги маломат бино сохта намешавад.

***

Зиндагӣ ба дилам зад. Худро ба дарё мепартоям. Илтимос, ҷои тунуктари обро нишон диҳед.

***

Роҳ ба дили сардор ба воситаи хонааш мегузарад.

***

Озодӣ талаб кард. Аз вазифааш озод карданд.

***

- Баъзан ҳатто ҷувол набудани ишкамамро фаромӯш мекунам, духтур.

***

Барои аксари мардон достони “Ҷони ширин”-и Турсунзода асари фантастикист.

***

Барои парвози хаёли баъзе эҷодкорон ҳам самолёт даркор.

***

Маслиҳат ба занон: Барои рӯй сурх кардан ғозамолӣ шарт нест. Андаке шармида гардед, кифоя.

***

Сардорамонро шамол зад. Бехуда нагуфтаанд, ки ҳар забардастеро забардастест.

***

Гиреҳи абрӯи сардорро котиб бо лабонаш кушод.

***

Ба он ки оби бинии ту рехт, бинипоккунаки ман гунаҳкор нест.

***

Гиребонатро бӯ кун, мегӯед? Аввал бинед, ки куртааш гиребон дорад ё не.

***

- Ганҷу ранҷ ҳамқофияанд,- гуфтам ман.- Қоидаю фоида ҳам,- луқма партофт милисаи раҳбон.

***

Ба кабк озодии бештар доданӣ шуда, қафасро андаке васеътар карданд.

***

Беномусро чӣ фарқ, ки оби бинияш мерезад ё обрӯяш.

***

Як тарафи хонаашро сел бурда бошад ҳам, бехабар монд: ба мутолиаи китоби “Табиатшиносӣ” машғул буд.

**АБДУРАУФ МУРОДӢ**

## Сканворд

